Бани одам сатъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

6 марти соли 2002. Чоршанбе № 17 (12760)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.

Ҳамфикрӣ — омили пешрафт

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 28 феврал – 1 март дар саммитҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ иштирок намуд, ки дар шаҳри Алматии Қазоқистон ба амал омад.

Мулоқотҳои президентҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон бо расман ташкил ёфтани Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ба анҷом расид. Чуноне ки зикр гардид, аҳду паймоне, ки ҳангоми мулоқоти чор президент дар Тошканд ҳосил гардида, моҳи декабри соли гузашта ба амал омада буд, дар Алматӣ дар ҳаёт татбиқи худро пайдо кард. Ташаббускори созмон додани ташкилоти мазкур — Ислом Каримов барҳақ раиси он интихоб гардид.

Баробари тағйир ёфтани Иттиҳодияи иқтисодии Осиёи Марказӣ чор давлат соҳиби имконияти нав гардиданд. Ва он алҳол на танҳо ба муносибатҳои иқтисодӣ, балки баҳри вусъати равобити сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва дигар равобит роҳро бо менамояд.

Махсусияти ташкилоти нав дар он зоҳир мегардад, ки он сохтори бюрократӣ нест. Аз ҳар мамлакат як намоянда — мутобиқгари миллӣ таъин карда мешавад, ки бевосита дар назди сардори давлат ҳисоботдиҳанда мебошад. Онҳо бо масъалаҳои баланд бардоштани босамарии фаъолияти ташкилот, наздик кардан ва мувофиқ гардондани мавқеъҳо оид ба пурзӯр гардондани раванди ҳамгароии мамлакатҳо — узви он, ҷонибдории ҳамкорӣ байни вазорату муассисаҳои мухталиф, назорат аз болои рафти ичрои ҳуҷҷатҳои қабулгардида ва таҳлили вазъи умумӣ шуғл меварзанд.

Ба сифати мисол ИДМ-ро овардан мумкин аст. Дар мақомоти мухталифи Иттиҳоди қариб ду ҳазор корманд кор мекунанд. Вале натиҷаи зарурӣ ба даст намеояд. Дар Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ҳамагӣ чор мутобиқгари миллӣ фаъолият пеш мебарад. Корҳои боқимондаро бошад, кормандони дахлдори идораҳои сиёсати беруна, дигар вазорату идораҳое ба ичро мерасонанд, ки ба ҳамкорӣ алоқаманд ҳастанд.

Ҳамин тавр, ба Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» вазифаи рушди ҳамгароии иқтисодӣ дар минтақа, такмил додани шакл ва механизмҳои вусъат додани равобити сиёсӣ, ҷамъиятӣ, илмиву техникӣ ва фарҳангиву маърифатӣ гузошта мешавад. Табиист, ки он акнун ба ҷонибҳо ҳуқуқи пурраро дар бобати амалӣ гардондани корҳои муштарак аз рӯи таъмини амният, таҳкими сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ медиҳад.

Мамлакатҳо — узви он ба ҳамдигар дар мубириза ба муқобили тероризм, ҷиноятҳкории муташаккил, нашъаҷаллоби, кӯчбандии ғайриқонунӣ, қочоқчигии моддаҳои нашъамандӣ кӯмак мерасонанд ва якдигарро пурра ҷонибдорӣ мекунанд.

Чуноне ки дар саммит зикр ёфт, барои минтақа созмон додани инфрасохтори ягона дар чунин соҳаҳо, аз қабили савдо, коммуникатсия, сайёҳӣ зарур аст. Ва он танҳо ба раванди башаригардонӣ фоида мебахшад. Ислом Каримов ҳамчунин таклифро дар бобати ба ҳамдигар намоиш додани барномаҳои телевизиони мамлакатҳои минтақа пеш гузошт. Ва он барои ба ҳамдигар наздик гардидани халқҳоямон, хабардор гаштани онҳо аз ҳаёти мамлакатҳои ҳамсоя, ҳамчунин ба роҳ мондани муколамаи кушод байни давлатҳо мусоидат мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки эътимоди байниҳамдигарӣ боз ҳам мустаҳкам мегардад. Ва он омили асосӣ дар бобати рушди ҳамкорӣ мегардад.

Ислом Каримов дар Қазоқистон ҳамчунин дар кори саммити ғайрирасмии Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракманофеъ иштирок намуд. Президентҳо дар маҷмӯи солимгардонии «Чимбулоқ»-и наздии Алматӣ вохӯрданд. Дар гуфтушунидҳо, ки дар вазъи рушдгуйиву дӯстона гузашт, масъалаҳои умдаи ҳамкории серҷониба дар доираи Иттиҳоди муҳокима гардиданд. Президентҳо ҳамчунин диққату эътиборро ба масъалаи мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ҷалб намуданд.

Сарони давлатҳо оид ба масъалаҳои минбаъда пурзӯр гардидани раванди ҳамгароии иқтисодӣ дар Иттиҳоди мубодилаи афкори муфассал намуданд. Чуноне ки дар нишастаи матбуотӣ зикр гардид, муносибат ба масъалаи мазкур гуногун буда, дар айни замон таклифҳо ва фикру мулоҳизаҳо ҳам мухталиф аст. Ба ин нигоҳ накарда, аз ҳама муҳимаш он мебошад, ки ҳар як президент тарафдори рушди ҳамгароии иқтисодӣ мебошад.

Дар «Чимбулоқ»-и кӯҳӣ сарвари давлатамон Ислом Каримов бо Президенти Россия Владимир Путин, Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва Президенти Туркманистон Сапармурод Ниёзов вохӯрд. Ҳангоми мулоқотҳо масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Анвар БОБОЕВ,
Тошканд — Алмати — Тошканд.

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ 4 март дар қароргоҳи Оқсарой раиси Ҳукумати муваққатии Афғонистон Ҳамид КАРЗАЙро пазируфт.

Сарвари давлатамон меҳмонро хайрамақдам гуфта, эҳтиромӣ худро нисбати халқи Афғонистон баён намуд.

— Вақте ки дар бораи халқи афғон ҳарф мезананд, мо одамонеро тасаввур мекунем, ки дар бадали бисёр асрҳо бо пахлӯ ба пахлӯ ҳаёт ба сар бурда, равобити ҳамачониборо дастгирӣ намудаанд, — гуфт Ислом Каримов. — Махсусан зикр кардани ҳастам, ки азму иродаи халқи афғон, ки бисёр осмоиш ва душвориҳоро аз сар гузарондааст, шикастнопазир аст. Ғаму ташвиш ва душвориҳои бисёрсола шӯълаи оташи боварии ӯро нисбати озодӣ ва оиндаи фаровон ҳомӯш карда натавонист.

Ҷоиз аст қайд намоем, ки дар бобати сабук гардондани ҳаёти халқи ҳамсоя Ӯзбекистон ҳам саҳми бисёре гузошт. Президенти Ӯзбекистон дар сессияҳои Ассамблеяи Генералии СММ аввалин шуда диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳониро ба ин муаммо ҷалб сохт. Ислом Каримов ҳамчунин ташаббускори созмон додани гурӯҳи «6+2» буд. Баъди анҷоми марҳилаи ҳарбии амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон маҳз тавассути ҳудуди Ӯзбекистон қисми асосии озуқае гузаронда мешавад, ки ба сифати кӯмаки башардӯстона ба халқи афғон фиристода мешавад, ки дар шароити душвор ҳаёт ба сар мебарад. Дар бобати расондани кӯмак Ӯзбекистон дар канор нест. Аз он ҷумла, дар рафти сафари Ҳамид Карзай ба мамлакати мо ба Афғонистон қариб 20 василаи нақлиётии арзиши умумиашон 350 ҳазор доллари ИМА ҷудо карда шуд.

Меҳмон ба роҳбари Ӯзбекистон барои расондани кӯмак, барои ҷонибдории ҳукумати муваққатӣ миннатдорӣ изҳор намуд. Вай зикр намуд, ки муносибати Ӯзбекистонро нисбати муаммои Афғонистон, ташаббусҳои байналхалқӣ ва арзу амалро оиди қарор ёфтани сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ дар ин мамлакат воло арзёбӣ мекунад.

Чуноне ки Ислом Каримов борҳо зикр намудааст, аз қарор ёфтани сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар Афғонистон пеш аз ҳама Ӯзбекистон ва дигар мамолики Осиёи Марказӣ манфиатдоранд. Ва он ба мо имконияти кушодани коммуникатсияҳои нав ва роҳҳои муқобили ба бозори ҷаҳонӣ баромаданро медиҳад. Ҳини мулоқот Ҳамид Карзай зикр намуд, ки Афғонистон ҳамчунин барои ҳамкории ҳамачониба бо мамлакатҳои минтақаамон тайёр аст ва манфиатдории худро дар ин бобат ҳуб дарк намудааст.

Дар рафти воҳӯрӣ оид ба вазъият дар Афғонистон, барқарор кардан ва рушди мамлакати мазкур, вусъати миқёси муносибатҳои дӯҷониба ва оид ба дигар масъалаҳое мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

(ӮзА).

Изҳороти муштарак

оид ба натиҷаҳои сафари расмии сарвари Маъмурияти муваққатии Афғонистон Ҳамид КАРЗАЙ ба Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

2-4 марти соли 2002 сафари расмии Раиси Маъмурияти муваққатии Афғонистон Ҳамид Карзай ба Ӯзбекистон мувофиқи таклифи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба амал омад.

И.Каримов ва Ҳ.Карзай гуфтушунид гузаронданд, ки дар рафти он вазъу пешомадҳои рушди муносибатҳои Ӯзбекистону Афғонистон, масъалаҳои алоқаманди танзими вазъият дар Афғонистон, барқарор кардани мамлакат баъди низоъҳо, ҳамчунин дигар муаммоҳои умдаи байналхалқӣ ва минтақавӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Гуфтушунидҳо дар муҳити дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва амалӣ гузаштанд.

Ҷонибҳо зикр намуданд, ки ду давлат ва халқҳои онҳоро умумияти асрҳои асри таърихӣ, арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва фарҳангӣ алоқаманд гардондааст. Дар сарзамини Афғонистон мутафаккирони бузурги Шарқ, арбобони намоёни давлатии давраи асримиёнагӣ Алишери Навоӣ, Абурайҳони Беруниӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Машраб ва дигар ниёкони бузург зиндагиву эҷод кардааанд, ки ному корҳои пуршарафашон барои халқҳои Ӯзбекистон Афғонистон беиҳоят қадру қимати калон дорад.

Ҷонибҳо садоқатмандии тағйирнопазири худро нисбати ҳамачониба ва собитқадамона пурзӯр кардану таҳким бахшидани муносибатҳои дӯстона, бародарона ва ҳамсоягии нек тасдиқ намуда, роҳҳо ва пешомадҳои ҳамкории дӯҷонибаро дар соҳаҳои мухталиф муайян карданд, ки ба манфиатҳои куллии халқҳои ҳар ду давлат ҷавобгӯ ҳастанд.

Дилпурии қатъии худро изҳор карданд, ки Ӯзбекистон ва Афғонистон минбаъд низ бо роҳи амалиёти мутақобилаи боз ҳам зичтару босуръат дар пойгоҳи усулиятҳои эҳтиромии истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудуд, халалдор накардани сарҳад, дахолат накардан ба корҳои дохилаи якдигар, баробарҳуқуқӣ ва фоидаи байниҳамдигарӣ мераванд.

Ҳ.Карзай ба халқи ӯзбек ва шахсан Президент И.Каримов ба сиёсати собитқадамонаву принсипиалии Ӯзбекистон миннатдорӣ изҳор намуд, ки барои ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими ҷанги хунине, ки зиёда аз 20 сол дар Афғонистон давом дошт, даъват сохта, ташаббуски мушахас ва муҳимро оид ба ҳаллу фасли муаммои Афғонистон пеш гузошт.

Дар ин бобат ҳар ду ҷониб нақши мусбии гуруҳи васлгари «6+2»-ро қайд намуданд, ки ба он шаш мамлакате, ки бевосита бо Афғонистон ҳамсарҳад ҳастанд — Эрон, Чин, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ҳамчунин Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Россия шомил гардиданд. Конфронси Тошканд оид ба Афғонистон, ки моҳи июли соли 1999 ба амал омад, дар он Эъломияи қабулгардида нақши мусбии худро бозид.

Тарафҳо ҷонибдории қатъии худро оид ба мусоҳидаи байналхалқии барҳам задани шабакаҳои терроризми байналхалқӣ дар Афғонистон, ки таҳти сарпарастии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гузаронда мешавад, изҳор карда, зикр намуданд, ки онҳо қатъан муқобили шакли дилхоҳи терроризми байналхалқӣ мебошанд ва бо ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба вуҷуд овардани низоми доманадори муқовимат ба он ва дигар таҳдидҳои трансмиллӣ арзи амали зич менамоянд.

Ӯзбекистон ва Афғонистон тамоми дарачаву миқёси таҳдиди нашъаҷаллобии байналхалқиро ба амнияти миҳтақавӣ ва умумибашарӣ дарк карда, дар мубориза ба муқобили муовизаи ғайриқонунии нашъа таҳти сарпарастии СММ дар доираи барномаи Раёсати оид ба назорат аз болои моддаҳои нашъамандӣ ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳкорӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд.

Аз номи халқи Афғонистон Раиси Маъмурияти муваққатии Афғонистон Ҳ.Карзай ба саъю кӯшиш ва иқдоми амалии Ӯзбекистон барои мадад оиди расондани кӯмаки инсонпарварона ба халқи афғон миннатдорӣ изҳор намуд. Кӯпруки болои Амударё ва бандари дарёвии Тирмиз ҳоли ҳозир барои расонда додани борҳои инсонпарварона ба Афғонистон тавассути ҳудуди Ӯзбекистон фаъолона истифода бурда мешаванд.

Ҷонибҳо натиҷаҳои мулоқотҳои Бонн ва Токиоро оид ба таҷдиди иқтисодиёти Афғонистон воло арзёбӣ карданд.

Ӯзбекистон, Маъмурияти муваққатии Афғонистонро таҳти сарпарастии Ҳ.Карзай, саъю кӯшиши СММ ва ҷомеаи ҷаҳониро, ки ба ҳаллу фасли вазифаҳои барқароркунии мамлакат баъди ҷанг, созмони давлате, ки дар муҳити сулҳу салоҳ ва созгорӣ бо ҳамсоягон, ҳамгарӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳаёт ба сар мебарад, ҳаматарафа ҷонибдорӣ карда, тайёр будани худро дар бобати иштироки фаъолона дар ин равандҳо тасдиқ намуд.

Ҷонибҳо таҷрибаи бои ҳамкории Ӯзбекистону Афғонистонро дар соҳаҳои мухталиф, аз он ҷумла сохтмон ва истифодабарии обектҳои саноатӣ, обёрӣ ва кишоварзии ҳудуди Афғонистон, тайёркунии кадрҳо ва мутахассисон, истифодабарии инфрасохтори нақлиётиву коммуникатсионии Ӯзбекистон зикр намуда, саъю кӯшиши худро оиди таҳким бахшидани асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои дӯҷонибаи ба ҳамдигар мufид баён сохтанд.

Ҷонибҳо ба барқарор ёфтан ва ҳамкории босамар байни сохторҳои тиҷоратии Ӯзбекистон ва Афғонистон дар ҳаллу фасли масъалаҳое аҳамияти калон медиҳанд, ки бо рушди савдо, аз он ҷумла савдои наздисарҳадӣ алоқаманд ҳастанд.

Ҷонибҳо эътимод доранд, ки натиҷаҳои пурсамари сафари расмии сарвари Маъмурияти муваққатии Афғонистон Ҳ.Карзай ба Ҷумҳурияти Ӯзбекистон марҳилаи муҳим мебошад, имкониятҳои навро дар бобати вусъату амиқ гардондани ҳамкории Ӯзбекистону Афғонистон фароҳам меоварад. Ҷонибҳо минбаъд низ барои таҳкими муносибатҳои дӯстона ба хотири манфиатҳои халқҳояшон ҳамкорӣ мекунанд ва ба қарор ёфтани сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар минтақа саъю кӯшиш менамоянд.

Ҳ.Карзай барои пазироии гарму ҷӯшон ва самимонае, ки Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Каримов дар сарзамини меҳмоннавози ӯзбек зоҳир намуд, миннатдорӣ изҳор кард.

4 марти соли 2002 дар Тошканд қабул гардидааст.

Мавзӯи муҳими рӯз

Роҳбар чӣ гуна бошад?

Ӯзбекистон дар бадали беш аз даҳ соли истиқлолияти худ баҳри гузоштани пойдевори мустаҳками давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти шаҳрвандӣ қадамҳои устувор гузошт, ки асосҳои онро эҳёи салоҳияти тафаккур ва суннатҳои маънавӣ, дигаргунсозиҳои куллӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва ичтимоиёт ташкил медиҳад. Дар роҳи бунёди давлати миллӣ, такомули иқтисоди бозаргонӣ, ҳамкории фаъолона бо мамолики ҷомеаи ҷаҳонӣ иқдоми муҳим гузошта шуд. Ислоҳотҳои иқтисодиву демократӣ торафт амиқ мегарданд ва онҳо ба возеҳу аниқ муайян гардидани ваколати тамоми рукнҳои ҳокимият ва дар байни онҳо ба роҳ мондани ҳамкории амалӣ нигаронда шудаанд. Роҳи ба ҳуд хоси пешрафти Ӯзбекистон, яъне бе ягон ҷаҳиш, давра ба давра амалӣ гардондани ислоҳот, ба ҳифзи ичтимоии аҳолӣ бештар нигаронда шудани тамоми тадбирҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва аз ҳамин сабаб дар мамлакатамон барқарорӣ, дар ҷомеа ризоияти миллӣ ва осоишталӣ таъмин гардидааст. Барои меҳнати пурбаракаву босамар заминаи пухта ба вуҷуд оварда шудааст. Бо ҳамин васила комёбиҳоямон сол то сол меафзоянду барои баланд шудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонанд. Ва он бурди мост.

Вале, агар аз имконияти восита, захираҳои мавҷуда боз ҳам комилтар истифода мебурдем, имкониятҳои маҳалҳо дар ин бобат бештар сафарбар мегардид, муваффақиятҳоямон аз ин ҳам бештар шуданаш муқаррар аст. Дар айни замон ҳаётамон бо зебову дастарҳонамон фаровонтар мешуд.

Суханронии Президенти мамлакатамон Ислом Каримовро дар ичлосияи ғайринавбатии Кенгаши намояндагони халқи вилояти Сурхондарё шунидаву хонда, чунин фикрҳо дар майнаам беихтиёр чарх заданд ва ҳамаи онҳоро дар тарозуи ақл баркашида, ба чунин хулосаҳо омадам.

Дар ин ичлосия ҳам сарвари давлатамон диққату эътибори ҳамагонро ба як масъалаи умдаву муҳим — масъулият, мураккабии лавозими роҳбарӣ ҷалб сохт.

Ва ин нукта беҳуда ба миён гузошта нашуд. Набояд фаромӯш кард, ки халқ ба роҳбарон на аз рӯи суханони хушку холӣ, балки бинобар фаъолияташон баҳо медиҳанд. Одамонро бо ваъдаҳо тасалло додан ҳам ҳадду ҳудуд дорад. Барои чӣ роҳбарон аз ҳамин нуқта ба фаъолияташон бо назари танқидӣ баҳо намедиҳанд, аз қадамҳои аввалинашон барои хеш хулосаи даркорӣ намебардоранд? Барои чӣ мулоқотро бо мардуми оддӣ аз ёд мебароранд, барои чӣ аз иҳотаи як гурӯҳ хушомадгӯйу тамаъкорон баромада наметавонанд, барои чӣ аз ваъзи сиёсӣ, ичтимоиву иқтисодӣ, огоҳӣ аз кайфияти одамон дур мондаанд, барои чӣ миёни худро маҳкам баста, бо халқ дар бобати ҳаллу фасли муаммоҳои мавҷуда ҳампаҳлӯ қадам намепартоянд, барои чӣ ба ҳодисаҳову воқеаҳое, ки дар маҳалашон рух медиҳанд, бетарафӣ зоҳир мекунанду ба бар либоси тамошобинро гирифтаанд? Охир, ҳар кас агар нони худро ҳалол хӯрад, вазифаи хешро аз таҳи дил ба ҷо оварад, олам гулистон аст. Чаро ана ҳамин ҳақиқати маълумро баъзан аз ёд бароварда мемонанд, роҳбарон?

Тақдири ислоҳот, ба кадом дараҷа амалӣ гардондани он дар навбати аввал ба малакаи кадрҳо, ба то ба кадом дараҷа кори худро донистани онҳо, ватанпарварӣ, ҷонфидоӣ, ҳалолӣ ва фидокории онон вобаста аст. Вақте ки кадрҳо беист ивоз карда мешаванд, дар борои кадом пешравӣ, комёбӣ ҳарф задан мумкин аст? Ва дар шароите, ки ҳаёт мураккабиҳо дорад, вазъи дохилаву беруна пайваста тағйир меёбад, муаммоҳо торафт мураккаб мегарданд, талаб нисбати роҳбар ба дараҷаи мухталиф баланд мешавад. Ва онро бояд ҳамагон хуб дарк кунанд.

Дар чунин шароит роҳбар бояд ба чӣ гуна фазилатҳо соҳиб бошад? Вай пеш аз ҳама одамонро розӣ кунад, нисбати онҳо ғамхорӣ зоҳир намояд, бо дарду алами онҳо ҳаёт ба сар барад. Яъне фазилати асосии сарвар дар муносибат ба одамон зоҳир мегардаду он суханони баландпарвоз нест. Сарваре, ки бо дарди халқ ҳаёт ба сар мебарад, дарди онро дарди худ мепиндорад, ҳеҷ гоҳ кам намегардад ва пешпо ҳам намехурад. Барои исботи фикри мазкур бисёр мисолҳо овардан мумкин аст.

Вале вай маънии онро надорад, ки сарвар қатъиятнокиву серталабиро аз даст диҳад, хислати сахтдастиро фаромӯш кунад. Охир, барои ҳаллу фасли муаммоҳои сершуморе, ки ҳаёт ба миён меҷӯшорад, қатъиятнокӣ, серталабӣ ва сахтдастии сарвар ҳам кӯмаки калон мерасонад. Дар ин бобат худро қурбон кардан, шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта меҳнат намудан, аз маслиҳати машварати халқ бархурдор гардида, фаъолият пеш бурдан зарур мебошад. Ва он талаби асосӣ барои роҳбари имрӯза мебошад.

Мо бисёр вақт меҷӯем, ки ба роҳбар хислати бо ақлӣ, донишмандӣ, доногӣ хос шуданаш лозим. Вале ӯ дорои ин хислатҳо бошаду намунаи ибрат зоҳир накунад, он камӣ мекунад. Дар айни замон сарвар на танҳо намунаи ибрат шуданаш, балки халқро ҳам ба намунаи ибрат гардидан водор сохтанаш лозим аст, ки ба ӯ ба чашми мадад назар меафканаду бисёр чизро мунтазир аст. Ва ин намунаи ибрат пеш аз ҳама дар муттаҳид сохтани одамон, мусоидат кардан барои аз як гиребон сар баровардан, онҳоро аз паси ҳуд бурда тавонистан зоҳир мегардад. Яъне бо халқ забон ёфта тавонистан лозим аст.

Бо ҳамин дигаронро аз роҳи нодуруст баргардондан, вазъи солимро ба вуҷуд овардан имконпазир мегардад. Яъне сарвар дилсафед, ситорааш гарм шуданаш лозим аст, ки маъноияш саховатпешагӣ, дорои хислати авф карда тавонистан мебошад. Вақте ки сарвар дилкушод аст, ҳамагонро бо як чашм мебинад, магар дар он ҷамоа норозигӣ шуданаш мумкин аст? Албатта, не. Вале дар мо чунин сарваронро бештар пайдо кардан мумкин нест ва аз ҳамин сабаб мавҷи шикоят ба унвони идораҳои болой авҷ гирифтааст. Ва ин арзу шикоятҳо бештар аз болои рафтори нодурусти идораҳои суду прокуратура, андоз, мақомоти ҳифзи қонуну тартибот ирсол карда мешаванд, бесабаб нест. Дар маҳалҳо кор бо шикояту аризаи шахрвандон мувофиқи талаб ба роҳ монда нашудааст. Аз ҳамин сабаб ирсоли онҳо ба идораҳои болой пайваста вусъат меёбанд. Аз ин рӯ, ба ҳар як роҳбар зарур аст, ки аз тамоми мактубҳое, ки ба унвонаш мерасад, хабардор бошад, онҳоро камҳафсалагӣ накарда, бо сабру таҳаммул ҳонда барояд, чораву тадбир андешад, роҳи ҳаллу фасли муамморо дарёбад. Зеро дар паси ҳар як мактуб шахси мушаххас, шахсе ниҳон мебошад, ки ба сарвари ин ё он идора боварии калон зоҳир кардааст ва аз ӯ начот меҳоҳад. Ва дар ин ҷо як нуктаро алоҳида зикр кардан лозим меояд: набояд фаромӯш кард: ҳар шахсе, ки аз остонаи идораи салоҳиятнок ба ҳоким норизо баромадааст, аз сиёсати давлат ҳам норизо мегардад.

Яъне, дар ин ҷо сухан боз дар бораи пурзӯр гардондани масъулияти роҳбароне меравад, ки барои амалӣ гардондани ислоҳот сараввал ҷавобгаранд. Ба касе сир нест, ки алҳол ислоҳот ба кадом дараҷа ба амал бароварда мешавад, сараввал ба ҷаҳонбинии роҳбар, ҳалоливу покӣ, фидокорӣ, тадбиргарӣ ва ташаббускор будани вай сахт марбут аст.

Боз як фикрро алоҳида зикр кардан лозим меояд: роҳбарӣ лавозим аст, на мансаб. Аввало, сарвар мебояд масъулияти ба одамон хизмат карданро хуб дарк намояд. Роҳбар аз ҳама бештар кор карда, баҳри саодати шаҳрвандон ва ривоҷу равнақи кишвари хеш инсони фидоӣ шуданаш лозим аст. Халқ ҳамеша ба дастархони ҳуд, ба зиндагонии ҳуд нигоҳ карда, ба фаъолияти роҳбарон баҳо медиҳад. Халқамон ба сабру таҳаммул аст. Ҳоли ӯро ба ҳуд партофта мондан ин бемасъулиятии аз ҳад зиёд, беинсофӣ мебуд.

Ҳамин гуна фикру мулоҳизаҳоро сарвари давлатамон дар ичлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Сурхондарё возеҳу равшан баён карданд ва дар ин бобат қатъан талаб пеш гузоштанд, ки сарварон бояд аз иллатҳои замони кӯҳна қатъан орӣ бошанд. Ба ҷавонон бештар роҳро боз намуд, ки вазифаи роҳбариро ба ӯҳда мегиранд. Чунки фикри онҳо солим, ақидаашон нав, ҷаҳонбиниашон васеъ аст. Ва ин фикру мулоҳизаҳо мебояд барномаи амалиёти ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон, алалхусус сару сарварон қарор гирад. Агар содаякак ифода намоем, ҳар як шаҳрванд, ҳар як шахс новобаста аз мавқеи ҷамъиятиаш ба ҳуд «Ин давлат, ин ҷамъият ба ман чӣ дод»-ро не, балки саволи «Ман ба Ватани ҳуд, ба кишвари ҳуд чӣ кор кардам»-ро доданаш ва бо ҳамин фикру андеша ва ақида умр ба сар бурданаш лозим аст. Ва он бештар бояд аз ҷониби сару сарварон зоҳир карда шаваду онҳо дар назди ҳуд бештар ин гуна саволро гузаронд: роҳбар чӣ гуна бошад?»

Э. ТУРДИҚУЛОВ.

Супурдани эътиборнома

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ҶФО В.Норов, ки ҳамчунин муштаракан сафир дар Швейтсария мебошад, дар Берн эътиборномаи ҳудро ба Президенти Конфедератсияи Швейтсария К.Филлигер супурд.

Дар рафти сӯҳбате, ки баъди супурдани эътиборнома ба амал омад, вазъи кунунӣ ва пешомадҳои муносибатҳои дӯҷониба байни Ӯзбекистон ва Швейтсария дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳанг муҳокима гардиданд.

Нақши калони Ӯзбекистон дар бобати таъмини таъмини амнияти миҳтақавӣ ва мӯътадилнокӣ зикр ёфта, ҳамчунин зарурати минбаъда амиқ гардондани ҳамкории дӯҷониба байни мамлакатҳоямон дар соҳаҳои мухталиф баён гардид.

ОИ «Ҷаҳон».

Якмоҳагии бехатарии ҳаракат дар роҳ

Мувофиқи Амри Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба мақсади пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар мамлакатамон якмоҳагии бехатарии ҳаракат дар роҳ оғоз ёфт.

Дар рафти тадбири мазкур, ки ба баланд бардоштани босамарии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ нигаронда шудааст, амалӣ гардондани маҷмӯи тадбирҳо дар назар дошта шудааст. Аз он ҷумла, ҳорроҳ ва роҳҳое, ки ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон шадид аст, муайян карда, азназаргузаронии онҳо таъмин намуда, таҳияи тавсияҳо оиди ошкор кардани камбудиҳо, ҳамчунин бехдошти вазъи техникии воситаҳои нақлиёт пешбинӣ гардидааанд.

Мувофиқи Амри Девони Вазирон дар рафти тадбир комиссияҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд оиди ташкил ва гузарондани якмоҳагии мазкур фаъолият пеш мебаранд. Дар гузарондани тадбир тамоми идораҳое иштирок мекунанд, ки ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ алоқаманд мебошанд.

(ӮзА).

Идатон муборак, бонувони азиз!

Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр гардид...

Зан агар оташ намешуд, хонаи мо сард буд,
Бе ҳароғи равшане дар шом мемондем мо,

гуфтааст шоири бузурги тоҷик Мирзо Турсунзода. Оре, бонувон сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёти инсон буда, бе ӯ боғи зиндагӣ таровиш надорад, агар вай оташ намешуд, хонаи моро бешак сардӣ ҳукмфармой мекард, бе чароғи равшан монда, сару калобаи корро ёфта наметавонистем. Маҳз бо ғайрату кӯшиш ва меҳру муҳаббати бепоёни ин олиҳаи ҳусну ҳирад чароғи хонадонамон мудом фурӯзон асту мо аз таъзим ва ифтихор намудан аз қисмати беҳтарини инсоният, чинси зебо, нафосати ӯ, доной ва соҳибистеъдодии вай монда намешавем. Охир, бонувон ин таҷассумгари муҳаббат, накӯҳоҳӣ ва шафқат, сарчашмаи илҳоманд. Маҳз аз дили гарми бонувон хонадони мо мудом мунаввар аст. Ба рафтори некбинонаву дурандешонаи ҳуд бонувон ба зиндагӣ нуру сафо ва гармӣ ато мекунанд.

Баъди ба даст омадани истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муносибат ба бонувон ба куллӣ тағйир ёфта, дар бобати ба аъзои комилҳуқуқи ҷамъият мубаддал сохтани онҳо корҳои зиёде ба ичро расонда шуданд. Аз он ҷумла, барои сабук кардани меҳнати онҳо, фароҳам овардани шароити зарурӣ ба истироҳати бофароғаташон тадбирҳои зиёде андешида шуда, дар ҳаёт татбиқи амалии ҳудро пайдо карданд. Аз ин рӯ бонувон ҷавобан ба ин ғамхорӣ дар бунёди ҷамъияти нав, ки асосии онро иқтисоди бозаргонӣ ташкил медиҳад, фаъолтар гардиданд ва аз ин рӯ мамлакати мо дар назди ҳуд кадом мақсадҳои воло ва вазифаҳои доманадорро нагузорад, кадом ташаббусҳоро оиди сохтмони оиндаи бузург зоҳир накунад, дар ҳамаи кору фаъолиятҳо фаъолонаи бонувон ва ҷонибдории онҳо такя мекунад. Ин аст, ки имрӯзҳо ҳазорон — ҳазор бонувонамон дар корҳои идоракунии давлату ҷамъият ширкат варзида, дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангиву маънавӣ мақоми хоссае пайдо кардааанд.

Мо меҳоҳем, ки шумо, бонувони азиз, ҳамеша хушбахт, шоду хуррам, зебо бошед. Ҳаётатон аз душвориҳо орӣ бошад, барои он саъю кӯшиш зоҳир карда мешавад, то ки дар хонадонатон сулҳу салоҳ ва ризоият, фаровонӣ, некӯаҳволӣ ҳукм ронад, фарзандонатон хушбахт бошанд.

Ва мо аз шумоён, модарону хоҳарон, духтарони азиз як умр қарздор мебошем, дар назди ҳасорату матонати шумоён мудом сари таъзим фурӯд меоварем.

Идатон муборак, бонувони азиз!

(Дигар маводҳоро бахшида ба Рӯзи байналхалқии бонувон — 8 март дар саҳифаи сеюми рӯзнома мутолиа намоед.)

Қавлу амали роҳсозони чустӣ

Роҳҳо... Ба вай чӣ азизоне расидааст. Роҳҳо моро ба манзил мебаранд. Роҳи рости ҳамвор корҳоро осон мекунад. Аз он имрӯз мо, фардо авлоду аҷдодонамон хоҳанд гузашт. Оре, роҳҳо ба оянда вазифаи кӯпрукро низ ичро мекунад.

Раёсати роҳҳои автомобили ноҳияи Чуст имрӯзҳо яке аз корхонаҳои сохтмони пешқадами нафақат ноҳия балки вилояти Намангон ба шумор меравад гӯем хато нахоҳем кард. Ба фаъолияти ин корхона ҳоло 33 сол мешавад. Дар тӯли солҳои гузашта роҳсозони чустӣ даҳҳо ҳазор километр роҳҳоро аз таъмир бароварда мумфарш гардониданд.

Имрӯзҳо дар ин ҷо 148 нафар коргарон, муҳандису техникҳо барои сохтмону таъмири роҳҳо, баҳри беҳтар гардонидани роҳҳои автомобилгарди ноҳия бо ғайрат меҳнат мекунанд. Аз ин 13 нафарашон мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва 20 нафарашон маълумоти махсуси миёна мебошанд.

Ҳоло дар назди раёсат 3 шӯъба вуҷуд дошта кормандони он ба 290 километр роҳ хизмат мерасонанд. Инчунин 98 километр роҳ аҳамияти республикавӣ дошта мудом таҳти назорати роҳсозон аст.

Маҳз ба туфайли ҳамчиҳатӣ ва меҳнати фидокорона соли гузашта роҳсозон ба ҷои 65,4 километр, 66,4 километр роҳро сифатнок таъмир намуданд. Ғайр аз ин дар 45-47 километри роҳи Пунгон-Намангон корҳои калони таъмириву васеъ гардонии роҳҳо ба somon расонида шуд. Таъмири роҳҳои хурду калони деҳаҳои Олмос, Каркидон, Баймоқи ноҳия сифатнок аз таъмир бароварда шуд. Ба ҷуз ин, роҳсозон дар шаҳру ноҳияи Чуст як қатор биноҳои маъмурию маишӣ, корхона низ сохтаанд, ки сазовори таҳсин аст. Коллеҷи тиббии Чуст аз он ҷумла аст. Вай дар асоси лоиҳаи миллӣ ва ҳозиразамона қад рост кардааст, ба ҳусни шаҳр ҳусни дучанд мебахшад. Бунёдкорони корхона дар коллеҷи тиббии Чуст зиёда аз 38 миллиону 596 ҳазор сӯмина корҳоро ба ичро расониданд. Инчунин дар яке аз маскани назаррабо ва дилфиреби шаҳри Чуст боғи фарҳанг ва истироҳати ба номи Мавлоно Лутфуллоҳ, сохтмони корти теннис, пункти тиббии деҳаи Варзик низ як қатор корҳои мумфаршкуниву ободгардониро ба роҳ монданд.

Дар ин корҳо дорандаи ҷоизаи вилоят аз рӯи озмуни идоракунии мошини мумфаршкунӣ Раҳмон Умаров, автогрейдерчӣ Расулҷон Иброҳимов, механизаторон Мавлонбой Мирзоев, Ғафурҷон Назиров, Олимхон Дӯсматов, кормандон Абдуқаҳҳор Холматов, Дилмурод Абдуллоев, Баҳодур Рӯзиматов, Раҳимбердӣ Имомназаров, Адҳамбой Нишонов, Эбезер Абкелямов, коргардон Орифҷон Аминовҳо калон аст.

Роҳсозони ҷамоаи аҳлу тифоқ соле ду маротиба роҳҳоро ба баҳору зимистон омода мекунанд. Соли гузашта барои сифатнок амалӣ гардонидани чунин корҳо дар вилоят ба ҷои аввал сазовор шуданд.

Солҳои охир бо техникаҳои гуногуни зарурӣ таъмин шудани раёсат, натиҷаҳои хуб медиҳад. Порсол ба устохонаи раёсат як «Дамас» ва булдозер доданд. Имсол низ ба корхона чунин техникаҳои нав овардан дар назар дошта шудааст.

Соли 2001 роҳсозони чустӣ 249 миллиону 974 ҳазору 400 сӯмина корҳои сохтмону монтажӣ ва мумфаршкуниро ба somon расониданд. Соли равон роҳсозони чустӣ қавл доданд, ки 206 миллиону 614 ҳазору 500 сӯмина корҳои сохтмону монтажиро ба somon мерасонанд.

Мо дар корҳои минбаъдаи соҳибони касби пурмашаққати роҳсозони чустӣ бурдбориҳо таманно дорем.

Анвар МУРОДОВ.

Дар аксҳо: 1. Ҳисобчӣ **Маъмурҷон РОЗИҚОВ** дар сари кор.

2. Коргари корхона **Ашурмат БОҚИЕВ** барфи роҳро тоза мекунад.

Суратҳо аз они муаллиф.

Навгониҳои Тоҷикистон

Сиёсат оид ба ҷавонони давлат

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарварии ҷавонони Тоҷикистонро барои солҳои 2002-2005» тасдиқ намуд. Мақсади барнома мусоидат кардан ба такмил додани фаъолияти мақомоти давлатии идора ва мақомоти ичроияи ҳокимият дар маҳалҳо (ҳукуматҳо) оид ба тарбияи ҷавонон мебошад.

Ҳуҷҷат амалӣ гардондани тадбирҳои алоқаманди ба вуҷуд овардани масоҳати меъёриву ҳуқуқӣ, таҳкими асосҳои илмиву назариявӣ ва равишомӯзӣ, беҳдошти фаъолияти сохторҳои давлатиро дар соҳаи мазкур пешбинӣ кардааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар маҳалҳо барномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии тарбияи ватанпарварии ҷавонон таҳия карда мешаванд.

Саҳифаи махсуси умури матбуоти Президент

Саҳифаи нави инфиродӣ бахшида ба фаъолияти умури матбуоти Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар фасли «Давлат»-и гӯшаи иттилооти «Тоҷикистон»-и ширкати «Телекомм Технологу» кушода шуд. Дар он маводҳо дар хусуси таъриҳи сосмон ёфтани умури мазкур, натиҷаҳои кори он дар соли сипаришудаи 2001, ҳамчунин суратҳо ва тарҷимаи ҳоли кормандон ҷойгир шудаанд. Дар вақтҳои наздик аз саҳифаи мазкур китоби паёмнигори номдори тоҷик Муҳаммад Тоштемиров ва роҳбари умури матбуоти сарвари давлат Зафар Саидов «Президент Раҳмонов: инсон ва сиёсатмадор» ҷо пайдо мекунад.

Дар рӯҳи ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми байниҳамдигарӣ

Ҳангоми сафари ҳайати вакилони Ҳукумати Тоҷикистон таҳти сарпарастии Нахуствазири Тоҷикистон Оқил Оқилов ба Тошканд чор созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо расид. Аз он ҷумла, созишнома дар бораи ситодҳои равво тавассути сарҳади давлатӣ, дар бораи шартҳои реструктуризатсияи ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар назди Ӯзбекистон, дар бораи ҳисобу китоби байниҳамдигарӣ барои нақлу расондани газ дар соли 2002 ва қарзи давлатии Тоҷикистон, дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи оқилона истифода бурдани захираҳои обу энергетикӣ дар солҳои 2002 ба имзо расиданд. Ҳуҷҷатҳои мазкурро мувофиқи дархости паёмнигорон Нахуствазири Тоҷикистон шарҳ дод.

— Гуфтушунидҳо дар рӯҳи ҳамдигарфаҳмӣ гузаштанд,— баён намуд Оқил Оқилов. — Мулоқоти мазкур идомаи сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба Ӯзбекистон ва вохӯрии вай бо Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов буд. Мулоқоти сарварони ду давлат, ба назари ман, аҳамияти стратегӣ дошт ва дар он масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамаҷониба муҳокима ёфтанд. Ба фикри О.Оқилов ба имзо расидани ҳуҷҷатҳо хеле муҳим буданд.

Ин дар навбати аввал созишнома дар бораи реструктуризатсияи қарзи Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар назди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мебошад, зикр намуд Нахуствазири Тоҷикистон. — Раванди мазкур то соли 2012 давом мекунад. Ба фикрам, созишномаи мазкур асос барои созишномаи дуюм гардид, ки ба боркашонӣ тавассути роҳи оҳан алоқаманд мебошад. Мо ҳаҷми боркашониро муайян кардем: онҳо захираҳои моддиву техникӣ, расонда додани газ, сӯзишворӣ аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон мебошанд.

Созишнома дар бораи ситодҳои равво тавассути сарҳади давлатӣ муҳим мебошад. Шумораи чунин ситодҳо 16 адад мегардад. Ва он имконият медиҳад, ки ҷараёни боркашонии ду давлат ҳам сабуктар сурат гирад.

Нахуствазир қайд намуд, ки созишномаҳои ба имзорасида пешомаднок мебошанд, асоси ҳамкории ба ҳамдигар муфидро дар соҳаи иқтисодиёт ва савдо ташкил медиҳанд.

О.Оқилов ҳамчунин хабар дод, ки дар вақтҳои наздик ба Тоҷикистон гурӯҳи кории ҳукумати Ӯзбекистон барои муштаракан дида баромадани дигар масъалаҳои ҳамкорӣ меояд, ки ҳини мулоқоти декабрии президентҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муайян гашта буд.

Кӯмак ба Афғонистон

Масъалаҳои мутобиқсозии корҳо оид ба расондани кӯмаки башардӯстона ба Афғонистон дар маҷлиси машвараті дар Душанбе муҳокима гардиданд, ки таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири мамлакат Ф.Муҳиддинов гузашт. Вай иштирокдорони мулоқотро аз миқдори намояндагони корпусҳои дипломатӣ, ташкилотҳои байналхалқие, ки дар Тоҷикистон номнавис гардидааанд, дар бораи захираҳои энергетикии мамлакат, имконияти низоми нақлиётӣ ва коммуникатсияҳо, соҳаҳои саноат боҳабар гардонд.

Дар маҷлис зикр гардид, ки Тоҷикистон якҷоя бо дигар мамлакатҳо барои расондани кӯмак ба барқарор кардани иқтисодиёти Афғонистони ҳамсоя тайёр аст. Ҳарчанд ҷумҳурият дар давраи зимистон камчинии энергияи баркро ҳис кунад ҳам, баробари ба истифода супурдани истгоҳҳои алавии барқии Ёвон ва Душанбе ба мамлакати ҳамсоя энергияи баркро расонда метавонист. Ба мақсади ба рӯи об баровардани он расонда додани газу мазути иловагӣ ба Тоҷикистон зарур мебошад.

Дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур, зикр намуд Ф.Муҳиддинов, мамлакатҳое кӯмаки калон расонда метавонистанд, ки намояндагии дипломатии худро дар ҷумҳурият доранд. Ба масъалаи истифодабарии низоми нақлиётӣ ва коммуникатсия дахл намуда, ҷонишини Нахуствазир зикр намуд, ки нақлиётчиён, роҳсозон ба дигар умурҳои Тоҷикистон барои ҳаллу фасли масъалаи расонда додани борҳои мухталиф аз ҳудуди Тоҷикистон ба Афғонистон тайёр мебошанд. Ба ҷуз ин ҷумҳурият имконияти ба мамлакати ҳамсоя фиристодани маҳсулоти саноати бофандагиро ҳам дорад.

Сирру асрори касби навро азхуд мекунанд

Муассисаи нави таълимӣ — Маркази шуғл ва таҳсили модулӣ дар Душанбе дари худро боз намуд. Дар ин ҷо қариб дусад нафар шунавандагон-хизматчиёни собиқи Қувваҳои Мусаллаҳ таҳсил мегиранд. Марказ дар доираи амалӣ гардондани Фармони Президент «Дар бораи бекор кардани хизмати ҳарбӣ дар пойгоҳи қарордодӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар подразделениҳои нирӯгии Ҷумҳурияти Тоҷикистон» сосмон ёфтааст.

Ва он лоиҳаи муштараки Вазорати меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ, Барномаи тараққиёти СММ бо ҷонибдории молиявии Ҳукумати Ҷопон мебошад. Дар марказ, ки дар заминаи литсеи техникии техникаи компутерӣ коллеҷи муҳандисиву омӯзгории Тоҷикистон сосмон ёфтааст, ба собиқ ҳарбиён кулли шароит барои омӯхтани сирру асрори касби шаҳрвандӣ фароҳам оварда шудааст, ки нарасидани онро дар ҷумҳурият имрӯзҳо баръало ҳис мекунанд.

«Туркистон-пресс» — «Ховар».

НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

Дар асоси технологияи бепартов

Солҳои пеш дар иттиҳодияи истеҳсолии нахҳои абрешими шаҳр аз пиллаи навъҳои дуюму сеюм газворҳои пастсифат мебофтанд. Пачакпилла аксар вақт ҳамчун партов исроф мегардид. Соли 2000-ум баъди таъсиси корхонаи муштараки Узбекистон-Ҷопон «Силк Роад» («Роҳи абрешим») ва васл намудани технологияи пешқадами ҷопонӣ истеҳсоли бепартов ба роҳ монда шуд. Корхонаи як вақтҳо зараровар ба соҳаи даромадовар мубаддал гашт. Фақат соли 2001 дар корхона 115,3 тонна ё худ ба арзиши 2 миллиону 868 ҳазор доллари ИМА нахи пурқимати абрешим истеҳсол гардида, ба мамлакатҳои хориҷӣ фурӯхта шуд. Корхона аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват гардида, қисми муайяни дорамадро ба инкишофи сохаҳои ичтимоӣ равон намуд. Имрӯзҳо дар корхона 435 нафар кор мекунад. Музди миёнаи меҳнат моҳе 35 ҳазор сӯмро ташкил мекунаду коргарон онро сари вақт мегиранд. Илова бар ин коргарон ҳар рӯз бо хӯроки нисфирӯзии бепул таъмин гаштаанд. Маҳсулоти ширӣ низ ба онҳо бепул дода мешавад. Натиҷаи ҳамин ғамхориҳост, ки супориши ду моҳи соли кунун дар коргоҳ барзиёд ичро гардидааст. Муҳаббат Камолова, Малика Солиева, Соҷида Ҳусайнова, Шоиста Камолова, барин коргарони пешқадам супоришҳои шахсии ҳудро барзиёд адо намуда, намунаи ибрат мегардаанд.

Қадамҳои боэътимод

Аҳли меҳнати иттиҳодияи истеҳсолии «Намангонтекстил» соли гузаштаро бомуваффақият анҷом дода буд. Қарзҳои дебиторию кредиторӣ хеле кам гардидааст. Маъмурияти корхона қарзҳоро аз моҳонаи коргарон низ ado намудааст. Коргарон аз оғози соли нав моҳонаро сари вақт мегиранд. Илова ба супориши моҳи январ 7 ҳазор метри мураббаъ газвори хушсифат, ки арзиши умумиаш 1 миллиону 818 ҳазор сӯм мебошад, истеҳсол шудааст. Дар коргоҳи номбурда истеҳсоли маҳсулоти мавриди истеъмоли халқ нисбат ба ҳамин давраи соли рафта 1,2 фоиз афзудааст. Ҷомеаҳои сеҳҳои ресандагию бофандагӣ, ки сарваронаш Эргашалӣ Деҳқонов ва Бахтиёр Абдурахмонов мебошанд, пешсафи истеҳсолотанд.

Заминаи ҳосили баланд

«Фасли зимистон — фасли кор аст» — бо чунин шиор аҳли ҷомеаи хоҷагии ширкатии «Ғурумсарой»-и ноҳияи Поп дар рӯзҳои сармои зимистон низ ягон рӯзи кориро беҳуда нагузаронданд. Дар хоҷагӣ гурӯҳи махсуси механиконидашуда бо ҷамъоварию кашондани поруи маҳаллӣ машғул аст. Нурии маҳаллиро онҳо аз фермаи хоҷагӣ ва хонаводаҳои деҳаҳои атрофи хоҷагӣ рӯзе ба миқдори 50 — 60 тоннагӣ ба сари заминҳо мекашонанд. То имрӯз дар хоҷагӣ ба сари киштзор 4000 тонна нурии минерал бароварда шудааст. Дар ҷамъоварию кашонидани поруи маҳаллӣ механизаторони пешқадами хоҷагӣ Ҳакимҷон Туйчиев, Илҳомҷон Ӯлмасов ва Туйчибой Мадраҳимов саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

А. НУРИДДИНОВ.

Андешаҳо

Зиндагӣ барои ҳӯрдан нест

Ватани маҳбуби мо 10—солагии истиқлоли худро ҷашн гирифта баҳори 11-уми худмухтории худро истиқбол хоҳад намуд. Ҳар як саҳифаи ин китоби даҳҷилда пур аз комёбиву бунёдкорӣ ва навовариҳоҳ. Фарзанди даҳсола гарчи тифлаки хурдсол нест, ҷавони солим низ набудааст. Аз ин бояс дар роҳи ҳаёт ӯ ҳам бурд дораду ҳам бохт. Камбудиҳои роҳи тайкардаро омӯхтан, комёбиҳоро ривоҷ додан ӯро марди солор менамояд ва ба қуллаи мурод мерасонад. Ӯзбекистони соҳибистиқлол бо роҳбарии сарвари дурандеш ва фидокор бо роҳи демократӣ пеш рафта, халқи моро ба шоҳроҳи зиндагӣ мерасонад.

1. Дониш машъали роҳнамост

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.

Н. ГАНҶАВӢ

Ҳақиқати ҳаётист, ки дониш дар тӯли тамоми асру замонҳо роҳи таъриҳи инсониятро мунаввар намуда, ба ҳудшиносиву ҷаҳонбинии ӯ мадад расонидааст, зиндагонии пурзаҳматашро осон кардааст, сатҳи маданияту маърифаташро баланд бардоштаст. Аз ҳамин сабаб омӯхтани илму ҳунар барои инсоният зарурияти аввалин аст. Дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол низ барои мустаҳкам намудани қаҷаи дониш тадбирҳои доманадоре андешидааанду меандешанд, ки самараҳои аввалини худро медиҳад. Бо вуҷуди ин дар ин роҳ баъзе душвориҳо ба назар мерасанд, ки ҳаллу фасли он диққати махсус талаб менамояд. Азбаски дар мамлакати мо иқтисоди бозаргонӣ ҳукмфармост, нархи қоғаз ниҳоят қимат шудааст. Шояд сабаб ҳамин бошад, ки нархи китобҳои дарсӣ хеле баланданд. Хонандаи мактаби ибтидоӣ (саводи ибтидоӣ барои ҳар фард зарурияти аввалин аст) барои 4 — 5 китоби дарсӣ бояд 2,5 — 3 ҳазор сӯм сарф намояд. Агар қимати қӯлвор (сумка)-и як хонандаро бо ашёҳои зарури хониш ба ҳисоб гирем 4 — 5 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Ва агар дар оила 3-4 нафар фарзанди мактабҳои бошад, барои ба мактаб тайёр кардани фарзандон аз бучаи оила ба ғайр аз харҷи либосҳои мактабӣ 15-20 ҳазор сӯм харҷ мешавад. Оё оилаҳое ки бо маоши камтарин зиндагӣ мекунанд, барои саводноккунонии фарзандонашон душворӣ намекашанд? Магар яке аз сабабҳо ин нест, ки дар баъзе мактабҳои деҳот баъзе хонандагон фақат, ба як ё ду дафтар ба мактаб мераванду аз бештарини фанҳо китоби дарсӣ надоранд? Ғайр аз ин барои баланд намудани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон китобҳои бадеӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо нақши муҳиме доранд. Солҳое бударанд, ки ҳар як хонандаи мактаб камаш 2-3 тогӣ рӯзномаву маҷалла мегирифт. Ҳоло ин нишона ҳариб ба нестӣ расидааст. Магар фаромӯш кардем, ки сарвари кишварамон« Фарзандонамон бояд аз мо донотар, аз мо солимтар ва, албатта, аз мо бахтноктар шаванд», — гуфта буд.

2. ...Аммо на тамоми одамикуш...

Мебош табиби исави хуш,
Аммо на табиби одамикуш.

Н. ГАНҶАВӢ

Дар урфият мегӯянд, ки сар ҳаст, ки дард ҳаст. Аз он рӯзе, ки инсонят пайдо шуд, бар хилофи қуввaҳои некӣ қувваҳои бадӣ мухолифатро сар карданд. Инсон аз маризиҳои гуногун азият мекашид. Дармонбахши дардҳои мардум табибон буданд. Табибон низ гурӯҳе ҳозиқу гурӯҳе фосиқ буданд. Гурӯҳе даво мекарданду гурӯҳе гирифтор ба бало. Ба туфайли донишу накӯрии табибони исавиҳуш марҳаму давоҳои гуногун пайдо шуданд ва бисёриҳо аз дарду марг наҷот ёфтанд. Илми табобат сол аз сол ривоҷ ёфт ва ба дарачаи имрӯза расид.

Ҳоло дар рӯи замин миллионҳо ворисони Гипократу Сино ҳалолу пок ба дардмандон даво мечӯянд. Лабаторияву институтҳои дорутайёркунӣ дар хизмати мардуманд. Дар ин ҷода Ӯзбекистони ҷавон ҳам дар ҷойҳои намоён қарор дорад. Вале таассуфовар аст, ки дар вақтҳои охир доруҳое низ ба фурӯш мераванд, ки ба ҷои даво беморон аз он азият мекашанд.

...Бо тақозои тақдир яке аз пайвандон дар касалхонаи вилоятии шаҳри Чиззах ҷарроҳӣ шуд. «Ворисони Сино» дарди кӯррӯдаро дарк накарда, меъдаро буридаанд. Чун мебинанд, ки дар масъалаи оддӣ иштибоҳ кардаанд, ҳаросон чокро бо риштаи пастсифат дӯхтаанд. Оқибат захмҳо фасод карда бемор азоби дузаҳро кашид. Пас аз он ки дар касалхонаи ноҳиявӣ такроран ҷарроҳӣ намуданд, ба по хест. Ин гуна мисолҳоро метавон боз овард.

3. Асоси зиндагонӣ

На он қадар бихӯр, ки аз даҳонат бароядҳ,
На он қадар, ки аз заҳф ҷонат бароядҳ.

САЪДӢ

Мегӯянд, ки зиндагӣ барои хӯрдан нест, балки хӯрдан барои зиндагӣ кардан аст.

Дар ин ҳикмати халқ мантиқи зиндагӣ ҳаст. «Аввал иқтисод, баъд сиёсат», мегуфтанд сарбозони сиёсат. Дар ҳақиқат, ҳаёти сиёсӣ дар заминаи масъалаҳои иқтисодӣ арзи вуҷуд мекунад.

Вақте ки сохти сиёсии ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ дигар шуд, заминаи иқтисодии онҳо низ тағйир ёфт. Тангии иқтисодӣ ҳис карда шуд.

Ба иқтисоди бозаргонӣ одат кунонидани шуури ҷамъиятӣ кори яку якборагӣ набуда, он ҷузаштани вақти муайянро тақозо менамояд. Дар ин роҳ хоҳу нохоҳ бурду бохтҳо вуҷуд доранд. Мебояд ки ҷомеашиносон ҳар як хатою норасоиҳои дар ин роҳ сарзадаро ба тарзи илмӣ ҳаққу ҳалол таҳлил намоянд ва роҳи дурусти ичрояшро ёбанд.

Барои таъмин намудани халқи ҷумҳурият бо маводи хӯроквории ниёзи аввал роҳбарони ҳукумат бисёр корҳои шоистаи таблиғро ичро мерасонанд.Рӯзгори мардумро бе нону намак, ҷою шакар, гӯшту равған ва собуну биринҷ тасаввур кардан душвор аст. Ҳукумат барои назорати нархи ин маводи зарураи хӯрокӣ чораҳо андешид. Вале аз чи бошад, ки ҳанӯз нархи як кг орд 170-350 сӯму равған 1000 сӯм. Як килограм намак 100 сӯм, шакар 600 сӯм, як кулчаи собун 250 сӯм.

Оё дуруст набошад, ки қонуншиканиҳои чунин нописандони қонунро ба воситаи ҳокимияти чорӯм-расонаҳои ахбор фош намоем ва то ба низом даромадани нархи маводи хӯроквории ниёзи мардумро ҳафтае як ё ду бор ба воситаи барномаи «Ахборот» хотиррасон карда истанд.

Қ. ШОЕВ,
омӯзгори нафақахӯр.

Қарор ва ичро

Мамлакат аз оила таркиб меёбад

Нақши оила дар рушди ҷамъият, тарбияи авлоди баркамол ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ниҳоят калон аст. Ба ҳамин муносибат ба муаммои аз ҷиҳати илмӣ омӯхтану нигоҳ доштани анъаноти бисёрасринаи миллӣ, созгорона ҳамроҳ кардани он ба арзишҳои умуминсонӣ, таъмини мустаҳкамии оила, баланд бардоштани дараҷаи дониши ҳуқуқии узви оила ва расондани кӯмаки амалӣ ба аҳолӣ дар ин масъала аҳамияти калон дода мешавад. Ва маҳз барои ба рӯи об баровардани ин мақсадҳо қарори Девони Вазирон аз 2 феврали соли 1998 «Дар бораи сосмон додани Маркази илмиву амалии ҷумҳурӣ «Оила» нигаронда шудааст.

Сарвари маркази илмиву амалии «Оила» доктори илмҳои психология, профессор Васила КАРИМОВА ҳангоми сӯҳбат бо мухбири ӮзА Назокат УСМОНОВА дар ин бобат нақл кард, ки талабҳои қарор дар ҳаёт чӣ тавр татбиқи худро пайдо мекунанд.

— Дар солҳои истиқлолият масъалаи ҳифзи оила, занон ва бачагон ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуд. Маркази илмиву амалии ҷумҳурии «Оила», ки бо ташаббуси Президент Ислом Каримов ташкил ёфт, дар натиҷаи ин диққату эътибор ба арзи ҳастӣ шуруъ намуд. Халқи мо аз қадим ба оила бо эҳтироми бузург назар меафканад. Самти асосии фаъолияти маркази мо баланд бардоштани нақши арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ дар тарбияи оилавӣ, омӯзиши муаммоҳои педагогӣ, психологӣ, ичтимоӣ-психологӣ, этнопсихологии оила мебошад.

Масъалаҳои вазъ, аз ҷиҳати илмӣ омӯзиши ҷиҳатҳои ба худ хоси демографии оила, ҷамъ овардани маълумотҳои оморие, ки мақоми ичтимоиву иқтисодии модар ва фарзандро акс мекунанд, таҳия ва дар амалия васеъ татбиқ кардани таҳсиҳои методӣ ойди асосҳои татбиқи тиббиву биологии тандурустии оила таҳти диққату эътибори доимии мо қарор доранд. Вазъи психологӣ ва маъҳанавии оила, ки қисми ҷудонопазири ҷамъият мебошад, ба он таъсири ҳудро мегузорад. Мутахассисони марказ тадқиқотҳои собиқадамонаро оид ба аз нигоҳи методӣ такмил додани таблиғи мафкураи миллӣ пеш мебаранд.

Тадқиқоти илмӣ таҳти унвони «Усулиятҳои педагогӣ ва психологии дар шуури ҷавонон таъбиқ кардани ғояи миллии истиқлол дар низоми «Оила-маҳалла» дар таҳлили дараҷаи миллии мафкуравии оила, дар омӯзиши таъсири он бо ҳамкорӣ дар маҳалла омили муҳим шуда хизмат мерасонад. Натиҷаҳои ба даст омада дар пурзур гардидани корҳои таргиботӣ дар байни оилаҳои мамлакатамон васеъ истифода мегарданд. Ва он дар барномаву тавсияҳои равишомӯзие, ки дар «Дорулфунуни волидон» паҳн гардидааст ду беш аз ҳафтуним ҳазор маҳаллаи ҷумҳуриятамон сосмон ёфтааст, акси ҳудро пайдо менамояд.

Мо ба ташкили курсҳои махсуси таълимиву тарбиявӣ дар назди хонаҳои акди никоҳ ва марказҳои тандурустӣ барои тайёркунии ҷавонон ба ҳаётӣ оилавӣ диққату эътибори доимӣ медиҳем. Дар бахшҳои номнавискунии санади вазъи шаҳрвандии ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ «Дорулфунунҳои оила» сосмон дода мешаванд, ки дар онҳо мувофиқи барнома 32 соат дарс барои домодон ва арӯсони оянда дода мешавад. Ва он дар бобати барҳам задани муаммоҳои аввалине кӯмак мерасонад, ки дар оилаи ҷавон сар мезанад.

Дар давраи сипаришуда мутахассисони марказ дар раванди ҳамапурсии ичтимоӣ дар маҳаллаҳо, оилаҳо, мактабҳо, боғчаҳои бачагон, муассисаҳои таълими миёнаи махсус ва олии ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурият ва Ҷумҳурияти Ҷароқалпоқистон шуда, дар гирди «мизи мудаввар» сӯҳбатҳо гузаронданд, мулоқотҳо, конфронсҳо ва семинарҳоро сосмон доданд. Мувофиқи фармонҳои қабулгардида ва дигар санадҳо корҳои таргиботӣ ойди нақши арзишҳои умуминсонӣ дар тарбияи миллии оилавӣ фаъолона гузаронда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки корҳо ойди пурзӯр кардани ҳифзи ичтимоии оила, таъмини манфиатҳои он, баланд бардоштани мақоми бонувон, такмил додани авлоди солим имконияти беҳдошти вазъи ичтимоиву демографиро дар ҷумҳурият фароҳам меоварад. Муассисоти оила мустаҳкам гардида, шумораи фавти кӯдакони навзод кам мегардад, таркиби одамони синну солашон мухталиф васеъ гардида, бардавомияти зиндагонии аҳолӣ таъмин мегардад.

Дар айни замон таҳлили вазъи тандурустии репродуктивии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурият нишон медиҳад, ки дар маҳалҳо ин кор ба дараҷаи зарурӣ пеш бурда намешавад. Ба мақсади фароҳам овардани шароити хуб баҳри минбаъда баланд бардоштани дараҷаи маданияти тиббии оила, таҳкими тандурустии бонувон, таъмини авлоди солим ва тарбияи он қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ ойди таҳкими тандурустии занон ва авлоди наврас» қабул гардид.

Ба ҳамин муносибат дар маркази мо тадқиқотҳо таҳти унвони «Вазъи имрӯза ва пешомадҳои равандҳои иқтисодиву демографии оилаҳо» пеш бурда мешаванд. Тавсияҳо ойд ба ошкор сохтан, таҳлил ва тағйир додани ҷараёни демографӣ ва иқтисодии вазъи оила, оид ба барҳам задани муаммоҳои мавҷуда таҳия гардиданд. Маълумотҳо дар борои тавлид, фавти кӯдакон, акди никоҳ ва бекор кардани он ҷамъ оварда шуданд. Ҳамапурсии ичтимоӣ кӯмак расонд, ки тағйиротҳо дар вазъи демографии оила ошкор ёбанд.

Дар давраи сипаришуда маҷмӯъи шартҳои ҳаёт, вазъи тиббиву ичтимоӣ, гигиении аҳолии деҳоти вилоятҳои Андиҷон, Қашқадарё, Самарқанд, Тошканд, Навоӣ, Бухоро, Хоразм ва Намангон омӯхта шуданд. Ҳулосаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки занони деҳот аз масъалаҳои тандурустии репродуктивӣ кам хабардор ҳастанд, ходисаҳои акди никоҳи бесамар ба назар бармехӯранд. Тавсияҳое, ки дар натиҷаи ин тадқиқотҳо ба даст меоянд, аз тарафи кумитаҳои занони ҷумҳурият, вилоятҳо, дар Кумитаи давлатӣ оид ба илму техника, дар машғулиятҳо дар муассисаҳои таълими олии тиббии ҷумҳурият истифода мегарданд.

Дар марказ ҳамчунин тадқиқотҳо оид ба таҳияи усулҳои босамари тарбияи авлоди баркамол, ба вуҷуд овардани маданияти ҳуқуқии оила бомуваффақият амалӣ гардонда мешаванд. Ба мақсади баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии бонувон, пешгирӣ кардани ҷиноятҳоро дар байни занон ва бачагон тадқиқотҳо дар вилоятҳои Қашқадарё, Фарғона, Сирдарё ва Навоӣ гузаронда шуданд. Оқибат ошкор гардид, ки вақтҳои охир майлу шавқ дар оила нисбати дониши ҳуқуқӣ хеле баланд гардидааст.

Дар маркази мо ҳамчунин дастурҳои таълимӣ, адабиёти илмӣ-оммавӣ оид ба муаммоҳои оила ва ҳаллу фасли онҳо мунтазам офарида мешаванд. Вақтҳои охир рисолаҳои сершуморе рӯи чопро дида, ба ҳукми муштариён пешкаш ёфтанд, ки ба чумлаи онҳо рисолаҳои «Психологияи оила», «Муаммоҳои ичтимоӣ ва ичтимоиву психологии оилаи ӯзбек», «Сирҳои оилаи солим», «Оилаи солим — таҳкурсии авлоди солим» шомил гардондан мумкин аст. Рисолае, ки таҳти унвони «Тандурустӣ ба ҳамагон ва ҳар кас зарур аст», «Бигузор, модару фарзанд тансиҳҳат бошанд», ки дар доираи Барномаи давлатии «Модар ва фарзанд» таҳия гардидааанд, ба афзудани шумораи муштариёни сершумор ва маҳбубият пайдо кардани ҳуд дар байни аҳолӣ фарқ карда меистанд.

8 март — Рӯзи байналхалқии занону духтарон

Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо...

Муборакбодӣ

Ҷашни бонувони диёр

Рӯзи байналхалқии занон — 8 март ба оғози баҳор рост меояд ва он бесабаб ҳам нест. Зеро баҳор ва бонувон таваъаманд. Ва мо ин идро мудом ҳамчун иди баҳор, иди орзуву умед, муҳаббат ва зебой қабул мекунему модарон, ҳамсарон, духтарон ва хоҳарони худро аз самимии қалб муборакбод менамоем.

Ҳурмату эҳтиром нисбати бонувон дар сарзамини мо мудом баланд аст ва бесабаб ҳам нест. Чунки мардуми мо аз қадим — мафҳумҳои Бонувон, Модар, Табиат, Офтоб ва Сулҳу Осоишро дар як радиф гузошта омадаанд ва мемонанд. Онҳоро муқаддасу бузург медонистанд ва медонанд, ба онҳо саҷда меоварданд ва меоваранд ҳам. Зеро ҳамаи онҳо офаранда ва парастандаи зиндагӣ, рамзи абадият ва ҷовидонаи ҳаёт мебошанд.

Ҷамъияти дилхоҳро бидуни фаъолияти занон тасаввур кардан душвор аст. Агар ҷамъият дардманд бошад, ба давои он пеш аз ҳама модарон, хоҳаронамон, ҳамсаронамон камар мебанданд ва инро дар пойҳои мисолҳои сершумор аз таърихи халқи Ӯзбекистон исбот карда додан мумкин аст. Ва имрӯз ҳам бонувон дар ҷамъиятамон намунаи ибрат мегарданд. Ҳарчанд бори гаронии мушкилоти иқтисодиву ичтимоии даргузари давраи гузариш пеш аз ҳама ба дӯши бонувон афтидааст, вале онҳо рӯҳафтодаву парешонҳол нестанд, бо меҳру муҳаббат, ғайрату ҳиммат ва фазилату хиради хеш бесомонҳои рӯзгорро ба сомон мерасонанд, ба зиндагӣ нуру safo, покизагӣ, гармӣ мебахшанд. Ва инро дар мисоли фаъолияти садҳо нафар бонувон дидан мумкин аст, ки ҳоли ҳозир дар идоракунии давлат ширкат варзида, дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ мақоми муҳим пайдо кардааанд. Саҳми онҳо дар пешрафту нумӯи илму фарҳанг, маорифу сиҳҳатии омма хеле калон аст. Ва мо мардон аз он ифтихор дорем, ки бонувони мамлакатамон қисми пешоҳанги ҳаракати байналмилалии занон буда, барои сулҳу осоиш ва ҳамзистии осоишта дар минтақа ва ҷаҳон азму талош мекунанд.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Дар аксар маҳалҳо симои Ватанро бо симои Модар баробар мекунанд ва дар паси он ҳикмати бузурге нуҳуфта аст. Зеро Модар рамзи муҳаббати ҷовидон, рамзи сулҳу накӯкорист. Маҳз бо шири модар эҳсоси накӯй, адолат, мардонагӣ ва муҳаббат нисбати Ватани азиз ба фарзандон мекӯчад. Симои бонувон, модар ҳамеша дар худ ҳаёти рахшону бехатаринро тачассум гардондааст. Модар, бонувон, духтар — ин мафҳумҳо барои халқи мо аз қаъри асрҳо чун Ватан, оила, шафқат, садоқатмандӣ муқаддас мебошанд.

Модарон, бонувон ҳақиқатан гулчанбари тамоми ҳастӣ, офаридгари ачиби Оллоҳ мебошанд. Бонувон аз он сабаб ачибанд, ки аз рӯи нотакрориашон беқиёсанд, дар худ тамоми зебогиро тачассум гардондааанд. Боз аз он сабаб ачибанд, ки дар атрофи худ меҳру муҳаббат, нафисӣ, боварӣ ва ризояти байниҳамдигариро ба вуҷуд овардааанд ва меоваранд. Зеро дар табиати бонувон ба ҳаёт ворид кардани сулҳу салоҳ, некбахту беҳтар кардани он ҳаст ва саъю кӯшиши бунёдкорӣ, хушбахтӣ ва некуаҳволӣ ба он ҳисоб мебошад. Баробари ин ба дӯши нозуки бонувон ғамхорӣ на танҳо дар хусуси гармии хонадон, беҳдошти ҳаёти оилавӣ, тарбияи кӯдакон, балки ҳамчунин иштирок дар бунёдкориҳо ва таъмини ҳаёти сазоворона ба онҳое, ки дар ин сарзамини муқаддас новобаста аз миллат, эътиқод, мавқеи ҷамъиятӣ зиндагиву меҳнат мекунанд, гузошта шудааст.

Ба тасвири зебой ва латофати бонувон ҳар гуна таъриф тавсиф камӣ мекунад. Агар биг-ӯем, ки бонувон дар китфони нозуки худ на танҳо ташвишҳои оилаи хеш, балки тамоми ташвишҳои оламро мебардоранд, ягон муболиғае намебуд. Охир, таъмингари фаровонии оила, оромиву осоиши барқарории кишвару Ватан, муттаҳидкунандаи ҷамоат, ҳидояткунанда ва роҳи муқаддасу равшан ҳам мебошанд.

Адолатнокии ҳар як ҷамъият ва давлат сараввал, бо диққату эътибор нисбати бонувон чен карда мешавад. Инсоният аз пайдоиши ҳаёт боз дар назди симои бонувон, модар ҳамеша сари таъзим фуруд меоварад. Бонувонро мӯъҷизаи беҳудуди табиат мепиндорад, ӯро эъзоз намуда, ба сар мебарад. Меҳру оқибат, садоқат, ору номус барин ҳисси муқаддас, ки ба олам мунаввараӣ мебахшад, дар қалби бонувон мучассам мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳамаи мамлакату давлатҳо эъзоз намудани бонувон таомули муқаддасест. Каломи муборакі «Ҷаннат дар зери пои модарон аст» дар асл исботи ана ҳамин ҳақиқат мебошад.

Барои бонувони Ӯзбекистон ҷашни имсола маънии хосса дорад. Чунон ки рӯшан аст, барои онҳо ғамхории махсус зоҳир карда шуда, барои сабук кардани меҳнату истироҳати бофароғаташон корҳои бисёре ба иҷро расонда шуданд ва мерасанд. Тадбирҳое, ки дар солҳои Бонувон, Оила, Авлоди солим, Модар ва фарзанд пешбинӣ гардида, аз рӯи онҳо барномаҳои давлатӣ қабул шуда буданд, имрӯзҳо низ дар ҳаёт татбиқи амалии худро пайдо кардааанд ва дар ин бобат пайваста ғамхорӣ зоҳир карда мешавад. Ҷамъияти мо мехоҳад, ки бонувонро хушбахт, зебо ва зиндадил бубинад. Мабод чизе, ки ҳаёти шуморо тира созад, дилҳоятонро аз афсӯсу надомат пур гардонад.

Бо умедворӣ, бо як ҷаҳон ифтихор ва самимият ҳамаи шумоён модарони азиз, духтарони зебоямон, хоҳаронро меҳрубонамонро бо фаро расидани Иди байналмилалии бонувон — 8 март — иди баҳору зебой таброку таҳнияти мегӯем, бароятон саломатӣ, ободию осудагии рӯзгор, тамоми хушиҳои зиндагиро таманно мекунем. Барори кор орзу намуда мегӯем:

Бигузор дари хонадони шумоён барои хушбахтӣ, накӯй, фаровонӣ ҳамеша боз бошад. Бигузор дилҳои шумоён аз муҳаббат ва самимияти наздикон ва шахсони бароятон азиз гарм бошад. Бигузор ҳар рӯз барои шумоён хурсандӣ ва комёбӣ оврад, кулли мақсадҳои накӯ, орзуҳои ширинатон ҷомаи амал пӯшанд.

Бунёди ҷамъияти нав, оянди дурахшон, дидани камолоту роҳати фарзандон, фуровардани арӯсони қадамашон муборак, саодати ҷунбондани гаҳворахои наберахои ширину шаккар ба ҳар якеатон насиб гардад.

Аз рӯзгоратон ҳеҷ гоҳ файзу барака напарад, ризқатон фаровон, умратон дароз бошад, бонувони азизи мо!

Идатон муборак, модарону хоҳаронро азиз!

Аҳли қалами рӯзномаи «Овози тоҷик».

Суйима Ғаниева:

Ман «гирифтор»-и Навоӣ шудаам

Ҳар гоҳ, ки сари чанд вақт бо адабиётшинос Суйима ҒАНИЕВА вомехӯрам, сӯҳбати эшон ҳамеша аз бобати Алишери Навоиву Мавлоно Ҷомӣ шурӯъ мегардад. Ҳатто ин дафъа низ, бо вуҷуди он ки дар арафаи рӯзи мавлуди ӯ — 20 феврал, вохӯрдем, сухан аз ин мавзӯъ кушодаанд. Ва ҳар як рӯ ба рӯ шудан бо хонуми Суйима худ алоҳида мақолае барои рӯзнома аст. Аммо ин мулоқоти охирро бо барандаи Мукофоти давлатии ба номи Абӯрайҳони Беруниӣ, соҳиби ордени «Эл-юрт ҳурмати», профессори Консерватории давлатии ба номи Мухтор Ашрафӣ Суйима ҒАНИЕВА чунон мураттаб намудам, ки ба зеҳни хонандагони рӯзноман «Овози тоҷик» низ нишинад. Лекин боз ҳам аз мавзӯи дӯстдоштаи хеш сухан оғоз карданд.

— Солҳои охир ба мо муяссар гардид, ки осори пурраи Навоиро дар бист ҷилд ҷойгир намоем ва то имрӯз 17 ҷилди он рӯи чопро дид. Ва табиист, ки ин мукаммалтарин чопи осори шоир хоҳад гардид, зеро дар чопи пешини он (17 ҷилд) баъзе аз асарҳои Навоӣ дохил нашуда мондааанд. «Насоим-ул-муҳаббат» аз ҷумлаи онҳост, ки дар ҷилди ҳабдаҳуми нашри тоза ворид шудааст. Бино ба фикри ман, ин асар тарҷумаи «Нафаҳот-ул-унс»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст, ки баъзе аз муҳаққиқон онро асари асл менаманд. Ва албатта, ки тарҷума ҳам аз тарҷума фарқ мекунад, ки «Насоим-ул-муҳаббат» мисоле аз он аст. Ҳангоми тарҷума Алишери Навоӣ ба он хеле озод бархӯрд намудааст ва аз ин боис ҳангоми баргардонии «Нафаҳот-ул-унс» онро озодона дар баъзе бобҳо тағйир дода, иловаву ихтисорҳо ворид намудааст. Аз лаҳн ва бархӯрди Алишери Навоӣ ба асари Ҷомӣ ба хубӣ маълум мегардад, ки чӣ гуна самимӣ бо ҳам муносибат доштааанд. Аз номаҳо ва назираву бахшидаҳои онҳо ба ҳамдигар дарк кардан мумкин мебошад, ки он суханон аз меҳру лутф саршоранд.

Фаразан дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» Навоӣ устод ва дӯсти худ Абдураҳмони Ҷомиро ба «моҳи чаҳонгард» ташбеҳ медиҳад ва онро бо «хуршеди чаҳонтоб» қиёс мекунад, ки он рубоӣ ин аст, ки ҳангоми боғгашти Ҷомӣ аз тавофи Каъба ба истиқболаш ирсол мегардад:

Инсоф бидеҳ, эй
фалаки минофом,
То з-ин ду кадом
хубтар кард хиром.
Хуршеди чаҳонтоби
тӯ аз матлаи субҳ,
Ё моҳи чаҳонгарди
ман аз ҷониби Шом.

Ин рубоӣ то ба Мавлоно Ҷомӣ мерасад ва дар ҷавоб руқъаи зайлро ба Мир Навоӣ бо илтифот арза медорад:

Бо килки тӯ гуфт нома,
к-эй гоҳи хиром,
Сад тӯҳфаи хуш ба
Рӯм овард зи Шом.
Гар пои тӯ дар миён
набошад — нарасад,
Маҳҷӯронро аз ҷониби
дӯст паём.

Бубинед ин дӯстии софу сафоро, ки ибрате аст барои ҳама наслу замонҳо...

— Ин ҳама дуруст аст, аммо на ҳама аз ин номаҳои олӣ, ки саршори меҳранд, бохабаранд. Аммо ҳис мешавад, ки Шумо низ ба ин адабиёту шеър муҳаббати беандоза доред ва сарчашмаи ин меҳру садоқат ба он аз кӯҷо маншаъ мегирад?

— Аслан метавон гуфт, ки ман бо «ҳидояти» як китоб ба ин пеша ручӯъ намудаам. Аммо волидайнам, ки аз аҳли маърифат буданд, ҳуқуқшинос шудани маро меҳостанд. Ҳамон китоб, ки гуфтам (номи муаллифу унвони китоб аз ёдам рафта) такрибан дар мавзуи биологияву тиб навишта шуда буд ва дар он муаллифон аз таассуроти сафари худ нақл намуда, аз боби аҳамияти шеър ва адабиёт дар табобат ва тиб дар Эронзамин қисса намудааанд, ки ин падида маро низ моту мабҳут намуд ва «гирифтор» сохт. Беихтиёр водор шудам, ки бо ин забону адабиёт сару кор дошта бошам ва аз домани ин пеша бигирам. Ҳамин тариқ соли 1952 (дар бистсолагӣ) факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёнаро хатм намуда, барои таҳсил дар аспирантура роҳи Ленинградро пеш гирифтам ва дар пеши олими маъруф Александр Николаевич Болдирев дарс хондам. Ва воқиан Болдирев ва Алфред Карлович Аредс дар ташаккули муҳаққиқии ман нақши бузург доранд.

Бо вуҷуди он ки дар хонавода фарзанди танҳо будам, волидайнам дар Ленинград хондани маро ҷонибдорӣ намуданд ва ҳатто дар китобхонаи ман, тавре ки дидед хеле китоб зиёд аст, ҳанӯз китобҳо, хусусан луғатҳои қимат ва пешинро ба шарофати падарам соҳиб шудаам.

Кори илмии номзадиро хостам аз ашъори Абулқосим Лоҳутӣ анҷом диҳам, аммо ба райъи устодам А.Н.Болдирев рафта аз мавзуи классикӣ интихоб намудам ва дар натиҷа соли 1956 аз рӯи мавзуи матни илмӣ-интиқодӣ ва таҳлили адабии «Маҷолис-ун-нафоис» рисолаи номзадӣ ҳимоя кардам...

— ...Ва баъд аз ин «гирифтору» ошуфтаи доимии Мир Алишери Навоӣ гаштед?

— Дуруст мегӯед. Агар бигӯям, ки фаъолияти илмии ман пасон ҳамеша дар иртибот ва вобаста ба эҷодиёти Навоӣ ҷараён дошт, иштибоҳ нахоҳад шуд. Чунки ман наметавонистам домани ин мавзӯъ ва умуман осори Ҳазрати Навоиро аз даст гузорам. Тақрибан дар ҳама нашр ва анҷуманҳои солонаи мавсуф ба Навоӣ саҳм мегирам. Дар ҳамаи нашри комили осори шоир, ки аз бист ҷилд иборат хоҳад буд, дар ҳафт ҷилдаш заҳмат гузоштам. Гузашта аз ин аз кишварҳои гуногун марбут ба Навоӣ дастхату осори шоирро ба Тошканд оварда, нашр намудам. Фаразан, аз Теҳрон (китобхонаи миллӣ), ки дастхати Навоӣ нигоҳ дошта мешуд, нусхабардорӣ карда, ба шакли китоби алоҳида чоп кардам. Ин орзуи деринаи ҳама насли навоишиносон буд, ки ба ман муяссар гардид на танҳо бо чашмони худ бинам, ҳатто онро интишор кунам. Аз музеи Британияи Кабир тарҷумаи сеюми форсии «Маҷолис-ун-нафоис»-ро дастрас кардем, ки дар Эрон бояд ба қариби чопаш анҷом дода шавад. Инчунин тарҷумаи «Муноҷот» (дафъаи дуюм) бо ҳамдастии Баҳман Акбарӣ ба чоп омодааст. Ва ҳам боз бо ӯ ва шоир Паймон тарҷумаи форсии «Назм-ул-ҷавоҳир»-ро ба амал овардем, ки ҳамагӣ дар Теҳрон ба чоп омода мебошад.

Зоҳиран, чунон бо Навоӣ андармон шудаам, ки баъзан ба хотири мулоқотҳои мавзуи Навоӣ ин ё он тадбирро рад кунам, ҳазломеҳ атрофиёнам мегӯянд, ки «Суйима барои Навоӣ ба дунё омадааст».

Дар паҳлуи машғулиятҳо бо осори Ҳазрати Навоӣ ба дигар корҳо низ даст задаам. Ҳамин ба наздикӣ осори шоирахои сулолаи Бобуриён чоп хоҳад шуд, ки онҳоро ҷамъ намудаам.

— Ин корҳо водор менамояд, ки бо олимону муҳаққиқони хориҷ аз кишвар равобит дошта бошед ва дар якҷоягӣ аз тариқи анҷуману нишастҳои илмӣ ҳал намудани баъзе аз ин масъалаҳо саҳлтар мегардад...

— Маҳз дар чунин мулоқоту сафарҳо дар ватану хоричи кишвар ба ман муяссар мегардад, ки ба нодиртарин осору китобҳо даст ёбам. Дастхати Навоиро, фаразан, дар яке аз сафарҳои худ бо мақсади иштирок дар анҷумани илмӣ ба шарофати иҷозати вазири фарҳанги кишвар Муҳаммад Хотамӣ (ҳоло президенти мамлакат) дар китобхонаи миллӣ дастрас намуда будам. Ва баъдан ҳам дар «Ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ», анҷуман бахшида ба Ҳоҷӣ Кирмонӣ, 900-умин солгарди фавти Ҳаким Умари Хайём дар Эрон будам. Ё худ дар анҷумани навоишиносон дар Туркия ман мушарраф гардидам махсус ба Куния рафта, мақбараи Мавлавии Балхиро зиёрат намоям.

Сафарам ба Тоҷикистон, ки дар аввалҳои солҳои 90-ум дар Ӯротеппа якбора солгарди таваллуди чанд нафар олимони забардаст ҷашн гирифта шуд, хуб дар ёдам нақш бастааст. Умуман чунин сафарҳо ҷаҳон-ҷаҳон таассурот мебахшад. Ва кас мебинад, ки дар кӯҷо кӣ бо чӣ зинда аст. Ва ман борҳо гоҳ бо шӯхиву гоҳ чиддӣ мегӯям, ки агар бигӯянд, ки ғайр аз Ӯзбекистон мамлакатеро барои иқомат ихтиёр кун, албатта Тоҷикистонро интихоб мекунам...

— Ҳоло дар паҳлуи корҳои илмӣ бо дарсгӯй ҳам машғулед магар?

— Дарси зиёд дорам. Дар Институти шарқшиносӣ, Консерватории давлатӣ ҳам аз ҳашт фан дарс мегӯям. Ба ғайр аз ин бо шогирдони аспирантам вақти зиёд машғул мегардам, ки онҳо, шукр, зиёданд. Ҳатто ҳар вақт ба аспирантҳоям дарсҳоямро бовар карда, супурда меравам, ки онҳо маро шармсор намекунанд. Шогирдони хуб ба воя мерасанд.

—Аз рӯзномаву нашрияҳои дигари даврӣ чиҳоро мутолиа мекунед?

— Чанд сол инҷониб «Овози тоҷик» ҳамеша бо ман аст. Дигар нашрияҳоро ҳар сари чанд вақт дастрас намоям, тагуру мекунам.

Аз «Овози тоҷик» навиштаҳои Мӯҳсин Умарзодаро дар бобати «Овисто», ки дар тӯли 3-4 моҳ чоп шуд, бо таваҷҷӯҳи амиқ қироат кардам. Умарзода дар мамлакат беҳтарин овистошиносанд...

Сӯҳбаторо Тоҷибой ИКРОМОВ.

Омӯзгорони мо

Ҳаст зане...

Дер боз дар хусуси ӯ чизе навиштан меҳоҳам, вале наметавонам имкониятро ба даст даровардан. То бишинаму андеша кунам, як-як ба ёд орам лаҳзаҳоеро, ки чӣ сон аз паи ташвишҳои худ буд.

Ҳар гоҳ рӯи пурра, чашмони осмонранги зебояшро пеши назар орам, гуфтаҳои Чумъагул Абдураҳимоваи музработӣ, он муаллимаи оқилаву фозила дар гӯшҳоям садо медиҳанд: «Муаллим Абдуллоев мегӯянд, ки тоҷикони ҳақиқӣ чашмони осмонранг доранд». Баростӣ, ӯ тоҷики ҳақиқӣ аст. Ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин. Як рӯҳи исёнкор дорад, далеру ҷасоратманд аст, забони ширин дорад. Ин на аз он аст, ки аз забони зебои фаронсавӣ дарс мегӯяд, балки ин хислати модарзодӣ аст.

Ӯро аз кӯдакиаш мешиносам. Вале вақте ки баъди солҳои зиёд бо ин ҷасорату ҳақгӯй дидам, ба ӯ гуфта будам, ки шумо дар интихоби касб хато кардаед, афсӯс. Бояд рӯзноманигор мебудед. Ӯ самимона хандаи зебое карда буд.

Боре иттифоқ афтод, ки мо ҳамкор бошем. Ин ду сол пеш буд. Дар мактабҳо ба озмуни «Муаллими сол» тайёрӣ медиданд. Дарҳақиқат Истамгул, ки хеле меҳнат карда буд, дар ноҳия ҷои аввалро соҳиб гашт. Бо вуҷуди аз мактаби тоҷикӣ будан баромадашро ба забони ӯзбекӣ тайёр карда буд.

Албатта, барои зинаи боло мебоист тайёрии зиёдтаре бинад. Аз ин рӯ ҳамагӣ ду рӯз пеш аз сафараш ба маркази вилоят ба ӯ порчаи назмӣ барои худро муаррифӣ кардан иборат аз 58 мисраъ ба забони ӯзбекӣ навиштам. Навиштан чандон душворӣ надошт, ба фикрам, вале дар як шаб аз ёд кардани он барои ман хеле душвор менамуд. Истамгул ин порчаи назмиро хеле хуб аз ёд кард. Дар он чунин як байт ҳам буд:

Тожик қизиман,
суғд аждоди,
Абӯалӣ Сино авлоди.

Вақте ки қироати қисми шиносӣ аз тарафи Истамгул ба охир расид, ҳама ӯро бо чапакзанӣ таҳсин мекарданд.

Шарти дигар дар мактаби ношинос як соат дарс гуфтан буд. Ӯ ин дарсро дар яке аз мактабҳои ноҳияи Ангор гузаронд.

— Ба синфи ношинос даромада, — мегӯяд ӯ бо табассум, — ба бачаҳо гуфтам, ки бояд дарсро зуд аз худ кунем, дар берун рақибони зиёде маро таъқиб мекунанд. Пас тарҷумаи фаронсавии суруди ӯзбекии «Ойижон, ойижон, бошгинам оғрийди»-ро ба бачаҳо ёд додам. Ба ман ҳамагӣ 25 дақиқа вақт дода шуда буд. Дар давоми 17 дақиқа бачаҳо сурудро пурра аз ёд карданд. Ҳакамон ба ҷавоби онҳо баҳои хуб доданд.

Ҳамон сол Истамгул дар вилоят соҳиби ҷои аввал гардид. Вале азбаски хеле монда шуда буд, аз баромади минбаъда даст кашид. Ҳоло он рӯзҳоро ба хотир оварда, аз рафтори нодурусташ афсӯс меҳӯрад...

Дарҳақиқат он сол бахт ба рӯи ӯ хандида буд. Шогирдаш Фарангис Халилова дар озмуни вилоятӣ ҷои аввал ва дар ҷумҳурӣ низ ҷои хубро соҳиб шуда буд. Ҳоло ӯ яке аз донишҷӯёни соли дуюми донишгоҳи забонҳои ҷаҳони Тошканд аст. Албатта, дар ҳар қадам ӯ ҳамроҳи Фарангис буд ва хеле монда шуда буд. Аз ин сабаб аз баромад кардан дар давраи охирини озмуни «Муаллими сол» ночор даст кашид.

Истамгул Шарифова дар деҳаи зебои Қизилой дида ба дунё кушодааст. Дар деҳае, ки бо олимону фозилонаш мефахрем, суруди ҳофизонаш ба дилҳо шавқу сурур мебахшад.

Соли 1979 пас аз хатми мактаби миёнаи деҳа дар факултаи забонҳои ҳоричии Донишгоҳи омӯзгории Душанбе таҳсил намуд. Соли 1983 чун муаллимаи забони фаронсавӣ дар мактаби зодгоҳаш ба кор сар кард. Ҳоло солҳои зиёдест, ки ин забони ширинро ба шогирдонаш, хонандагони мактаби таҳсили ҳамагонии рақами 13 меомӯзад. Ҳамеша аз устодонаш Усмонали Тагоев ва Раҳматулло Қодиров миннатдор аст. Зеро маҳз ба туфайли меҳнати онҳо ин забонро хуб омӯхт ва тавонист мутахассиси ин соҳа шавад. Ҳоло бо устодони худ дар як саф меҳнат мекунад. Ба ин меҳнати хоксоронааш баҳои баланд ҳам гирифт, соҳиби унвони Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон гардид.

Ӯ модари чор духтари дӯстӯ аст. Мафтуна синфи нӯҳумро дар мактаби рақами 14 бо гувоҳномаи имтиёзнок хатм намуда, соли дуюм аст, ки дар омӯзишгоҳи тибби Деҳнав таҳсил мекунад. Нигораю Ҷамила ва Шабнам низ аълочиёни хонишанд. Ҷамилаи хурдакак шеър мегӯяд.

Дар озмуни имсола низ як нафар шогирди синфи ёздаҳуми ӯ Зайнура Шарифова соҳиби ҷои дуюм шуд. Истамгул аз шаҳри Тирмиз ба хона хеле хурсанд баргашт. Таҳсини зиёде гуфтан месазад ба ӯ, чунки ӯ ҳеҷ гоҳ шогирдашро танҳо намегузорад. Доимо ҳамкорӣ мекунад, қуввату мадори дил мешавад.

Меҳоҳам аҳсант гӯям ба зане, ки ғайрати беандоза ва иродаи қавӣ дорад.

Ӯғилой ҶӮРАБОЕВА,
ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.

Кӯдакистони «Табассум»-и рақами 26 яке аз муассисаҳои намунавии томактабии ноҳияи Чуст ба шумор меравад. Дар ин ҷо барои солиму баркамол ба воя расондани кӯдакон кулли шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар акс: тарбиячии гурӯҳи ба мактаб тайёркунӣ **Обидаҷон ЭРГАШЕВА** дар халқаи кӯдакон.

Суратгир: А. МУРОДОВ.

Машъалони маориф

Ба шарофати Марзияи директор

Муаллимӣ дар дили Марзия аз бачагӣ ҷой гирифта буд. Бобои ӯ Даврон-ота азбаски одами босаводу илмдӯст буд, набераи бобо низ ба илму таълим хуб ручӯъ намуда, фаҳмида буд, ки ба ин роҳ аз ҷавонӣ даромад. Ва тақрибан барои хизмат ба ин ҷода худро омода менамуд.

Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишкадаи омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ дохил шуд.Аз ин мактаби олӣ ба ноҳияи Ҳамзаи пойтахт барои кор роҳхат доданд, ки дар натиҷа дар мактабҳои №198 ва 226 меҳнат кард.

Зоҳиран худро аз ҳар лиҳоз хуб нишон дода тавонист, ки ба яке аз мактабҳои ақиббмонда (№152) ӯро директор таъин намуданд. Дар қадами аввал Марзияи директор аз омӯхтани салиқаву савияи муаллимон ва омодагии онҳоро ба дарс омӯхт ва санҷид.

Аз ин озмоишу санҷишҳо дарк намуд, ки корро аз ислоҳи шеваи таълиму тарбия бояд оғоз кард. Барои пиёда намудани ин азму хоҳиш Марзия Мавлонова медонист, ки пеш аз ҳама аз муаллимони ботаҷриба ва собиқадор истифода намудан зарур аст. Аз ин рӯ онҳоро ба сӯҳбату мулоқотҳо ҳидоят менамуд ва аз маслиҳатҳои онҳо баҳра мебардошт, ки онҳоро баъдан дар амал ба кор барад. Дар ин асно водор гардид, ки муаллимони «ниммулло» ва камсаводу бемасъулиятро аз даргоҳи мактаб дур созад. Ва албатта ба ҷои онҳо омӯзгорони софдилу ҷиддӣ ва касбдӯстро ҷалб намуд, ки ин ҳама аз пайгирӣ намудани мақсадҳои начиб буд.

Худи муаллими ин сатрҳо ҳар гоҳ ба ин маърифатгоҳ қадам мениҳад, худ ба худ мегуфтам, ки ин бесомонӣ то кай давом мекарда бошад. На танҳо курсиву партаҳо намерасиданд, балки синфхонаҳо ифлосу бетармим ва рехтаву кӯҳна буданд. Аз бозе, ки Марзия Мавлонова ба ин даргоҳ роҳбар таъин гардид, вазъият куллан тағйир ёфт ва ҳатто пас аз он шинохтани ин мактаб душвор буд.

Имрӯз аз мактаби рақами 152 ба номи Камолиддин Беҳзоди шаҳри Тошканд бисёр таҷриба ва сабаки хуб бардоштан мумкин аст, ки ҳамаи ин ба шарофати директори он Марзия Мавлонова ва заҳмату давуғечи ӯ ба амал омадааст. Ва дар мактаб ҳазор нафар хонанда аз ин ки маҳз дар ин маърифатгоҳ дарс мехонанд, хушҳол мебошанд, зеро барои таълиму тарбияи онҳо ҳама шароит муҳайёр мебошад.

Қ. ТӮЛАЗОДА,
ш. Тошканд.

Телефонистҳои бахши дар Чуст будаи Ҷамъияти саҳҳомии «Намангантелеком» Виктория Иппаева ва Гуля Шуминоваро бо хизмати намунавии худ ном баровардааанд.

Дар акс: ***Виктория ИППАЕВА*** *ва* ***Гуля ШУМИНОВА*** *ро дар сари кор.*

Суратгир: А. МУРОДОВ.

8 Март

Гулҳо ба бонувон

Гул рамзи нафосат, рамзи муҳаббат ва садоқат мебошад. Онро хусусан ба ҷинси латиф тӯҳфа кардан гуворост. Аз ҳамин сабаб, як қатор ташкилотҳои давлативу илмиву таднқиқотии ҷумҳурият, ҳамчун фирмаҳои хусусӣ якҷоя бо маъмурияти «Ӯзэкспосентр» дар арафаи иди байналхалқии бонувон — 8 март ба иқдоми нек даст заданд. Яъне намоишгоҳро таҳти унвони «Гулҳо — 2002» кушоданд.

Дар павилони рақами дуюми «Ӯзэкспосентр» намоишгоҳи мазкур дари худро боз намуд ва то бевақтии 7 март кори худро давом медиҳад. Дар он композитсияҳои мухталиф аз гулҳои тару тоза, гулҳои сунъӣ, рустаниҳои манзаравии зебо таҳия карда шуда, ба ҳукми ҳаводорон пешкаш гардидааанд. Ва шумо аз ин ҷо гулу гулдастаҳоро харид намоед, барои бонувон тӯҳфаи аз ҳама арзанда мекардед.

(Мухбири худамон).

МАРДИ ҲУНАР

Танат якеву ҷон якеву чандин дониш,
Эй аҷабо, ту мардумӣ ё дарё.
Рӯдакӣ.

Ин марди ҷонсупори мардум зодаи деҳаи Равонаки Самарқанд буда, маълумоти аввалро солҳои бист дар мактаби навташкили шӯравӣ дар зодгоҳаш гирифтааст. Баъди хатми мактаб ба Дорулфунуни омӯзгории шаҳри Самарқанд қабул мешавад. Баъдтар ин дорулфунун ба Донишгоҳи давлатӣ табдил меёбад ва Холиқ Мирзозода онро соли 1935 бомуваффақият хатм мекунад. Вай ҳанӯз дар даврони донишҷӯяш ба фаъолияти омӯзгорӣ мепардозад ва дар Омӯзишгоҳи шаҳри Самарқанд дарс мегӯяд.

Ба муносибати 90-солагии зодрӯзи Холиқ Мирзозода

Солҳои сӣ мактабу маорифи Тоҷикистон ба кадрҳои варзида эҳтиёҷи зиёд доштанд. Ин марди фидокор эҳтиёҷи халқу кишварро ба назар гирифта, соли 1935 ба Душанбе меояд ва то соли 1939 дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе заҳмат мекашад. Холиқ Мирзозодаи он вақт хеле ҷавон дар баробари таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти гузашта ҷиддан машғул гардида, дар ин замина мақолаҳои ҷудогона, аз қабили «Аҷзӣ ва эҷодиёти ӯ», «Аҳмад Маҳдуми Дониш мулаккаб ба Аҳмади Калла», «Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ», «Носири Хисрави Кубодиёнӣ» ва ғайраро ба чоп расонид, ки заминаро барои тадқиқотҳои минбаъдаи ӯ муҳайё сохтанд.

Яке аз мақолаҳои бунёдии ӯ «Баъзе фикрҳо дар борои поэзияи имрӯзаи тоҷик» (1940) маҳз дар ҳамин давра эҷод ва чоп шудааст. Ин мақола дар таърихи нақди адабии тоҷик ҷойгоҳи хос дошта, гувоҳи ҷӯяндагӣ ва тозаназарии муаллиф буд.

Ин мақола саршор аз ҷасорати адабӣ буда, муаллиф даврҳои сохтаи идеологиро дар шинохти адабиёти асил фурӯ меандозад ва бори нахуст новобаста ба таалуқоти ҳизбию идеологӣ мушкилоти адабиёти асил, хоса шеърро ба миён мегузорад. Ҳарфҳои поёни ӯ гувоҳи далерӣ, ҷасорат ва воқеъбинию ҳақшиносии фарди раҳшинос аст. Ӯ навишта буд: «шеър ба дарачае расидааст, ки қарорҳои ҳаррӯзаи ҳукуматӣ, указҳои Совети Олӣ ва қариб хабарҳои ТАССро ба вазну қофия медодагӣ шудааанд. Хабарҳои ҳаррӯзаи газетаҳо бе ҳеҷ обу ранги бадеӣ ба шеър дароварда мешаванд».

Дар замоне, ки адабиёт, хоса нақди адабӣ ба сотсиализми вулгар ғӯтида буд ва сиёсати расмӣ иҷтимоигароии маҳзро аз ҳама гуна бозҷӯиҳои маънавию бадеӣ авло медонист, таваҷҷӯҳ ба арзишҳои маънавӣ ва ҳунарӣ ҷасоратмандии комилро тақозо мекард. Ҳарфи муаллиф дар ин замина бодалел буда, вай намунаҳои ашъори муосиронашро бо камоли диққат таҳлил ва арзёбӣ мекунад, нуқсонҳои ҷиддии ин гуна шеърҳоро нишон медиҳад ва ба хулосае меояд, ки ин гуна шеърҳоро «шеър номидан ҳам мумкин нест».

Донишманди фақид умри хеҳро беш аз ҳама сарфи омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти гузашта карда, дар ин замина оиди мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин» рисолаи номзадӣ низ дифоъ намуд. Холиқ Мирзозода ҳамчунон ки дар нақди шеъри муосир мавқеъияти хоса дошт, дар роҳи омӯзиш ва таблиғи адабиёти гузашта низ диди мушахҳаси худро ироа медод. Махсусан дар замоне, ки оиди адабиёти классикӣ сухан гуфтан нафақат душвор, балки хатарнок буд, Х.Мирзозода бо ҷасорати том қалам меронд ва арзишҳои адабиёти ғании гузаштаро ҳимоя мекард. Ҳанӯз охири солҳои сиюм вай дар мақолаи «Носири Хисрави Кубодиёнӣ» навишта буд, ки «то ин дам як гурӯҳ метарсиданд, ки гӯё дар адабиёти классикии тоҷик моментҳои қиматнок ва фоиданок барои сотсиализм нест, гӯё ҳамаи онҳо зарарноканд, ё ин ки зиддиреволютсиягӣ ҳастанд. Ин гуна фикрҳои зарарнок, ки аз методи мероси маданиятомӯзии марксизм-ленинизм фарсангҳо дур ҳастанд, чанде ба кори омӯхтани таърихи адабиёти бойамон ва истифода бурдан аз он монеаҳои зиёд ованданд». Ба фикри Х.Мирзозода «миллатчиёни буржуазӣ» низ «моҳияти халқӣ, прогрессивӣ ва револютсионии адабиёти классикиро пардапӯш карда, аз онҳо барои мақсадҳои ифлоси худашон ба муқобили халқ истифода мебурданд».

Дар ин росто Х.Мирзозосусан матраҳ кардани масъалаи таназзули ҳунари шоир баъди ба Шӯравӣ омадан боис шуд, ки тақдири рисолаи дуввум низ то ба имрӯз номаълум бимонад. Фақат соли 1968 Х.Мирзозода имкон ёфт, ки рисолаи сеюми докториашро дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии инкишофи ғоявӣ-эстетикии назми советии тоҷик дар солҳои бистум» дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дифоъ кунад.

Ба назари мо он чи ки муқарризони ин асари пурмояро дар вақташ нороҳат кардааст, қабл аз ҳама усули таҳқиқи муҳаққиқ аст. Х.Мирзозода огоҳона ба таҳқиқи мушкилоти ғоявию бадеии назми солҳои бисти тоҷик пардохта, ҷараёни инкишофи онро дар контексти (мақтаи) ягона баррасӣ мекунад. Яъне аз ин росто осории Фитрат, Аҷзӣ, Асирӣ барин адибони он вақт «бадном» берун намемонад. Дар ин замина олим хоҷу нохоҷ моҳияти адабиёти ҷадидияро баррасӣ карда, равишҳои мусбати онро номгузорӣ карда буд, ки ин амали ӯ аз ҷониби муонидони сиёсатмобаш нописанд буд ва бориси озори ӯ гардид. Беш аз ин Х.Мирзозода дар ин рисола намунаҳои шеъри ин давраро қаблан аз мавқеяти осории ҳунарӣ арзёбӣ кардааст, ки ин амали ӯ низ ба бисёре аз «соҳибшеърҳо»-и ин ҷараён намефорид. Вале барои Мирзозода қадру манзалати чунин ашхоси эҷодкор арзишманд набуд, балки шинохти ҳақиқати ҳунарӣ маромии ӯро муайян мекард.

Бо вуҷуди монеаҳои гуногун олим аз роҳи усулии интихобкардааш берун нарафт. Вай таҳқиқи адабиёти ҷадидияро на фақат идома дод, балки ин адабиётро ҷузъи адабиёти навини тоҷик шинохта, андешаҳои бунёдиашро оиди ин масъала дар мақолаи «Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри XX» (1976) ҷамъбаст намуд. Дар ин мақола вай нафақат истилоҳи ҷадидро истифода кард, балки ба хонандагон ва муонидони сарсахташ тавсия ҳам кард, ки «аз ин номи таъриҳӣ» натарсанд. Вай ба воситаи ин мақола фаҳмиши нодуруст ва ғайриворӣ ва ноҷоиз ва ноҷавонмард тақризи дохилӣ мансуҳ эълон карданд ва нашр нашуд. Мавқеяти сареҳи олим дар шиноҳти моҳияти осории Лоҳутӣ, бурду бохти ӯ ва мах-

Табиист, ки дар ин мақола мо имкони фарогирии тамоми паҳлӯҳои фаъолияти ин донишманди фақидро надорем. Вале зикри ду китоби пурарзиши ӯ, ки яке «Мулоҳизаҳо дар борои адабиёт» ва дигаре «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт» унвон доранд, муҳим аст.

Онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллифашон воқеан олими бузург аст. Мавсуф бо мақолаи «Ҳотифи тамаддуни нав» танҳо рӯҳи Мирзосирочи Ҳакимро шод надоштааст, балки рӯҳи худро низ чун ҳотиф дар уруҷи андешаҳо бо гузаштагони иззатманди хеш пайванд додааст ва барои хеш дар ин дунёву дар он дунё манзили рӯҳонии босафое бунёд ниҳодааст.

Муосирони боҳимматаш остонаи ин манзилро бояд муқаддас ва ба қадр шинохта, ӯро ёд кунанд. Ба ваҷҳи ёд осорӣ ба фаромӯш афтодаашро табъу нашр кунанд. Ёдам меояд, ки устод Мирзозода романе аз ҳаёти зиёёни оғози садаи равон низ навишта буд. Ин асари бузургҳаҷмро баъзе аз адибон, аз ҷумла масъулини маҷаллаи «Садои Шарқ» низ хондаанд. Муаллим санадҳои фаровонеро аз ҳаёти илмию адабии оғози садаи бист ва зиндагии ашхоси ҷудогона дар ин асар фароҳам ованда буд. Мутаассифона, то имрӯз оиди ин роман иттилое нест.

Ҷумъақул ҲАМРОЕВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ, номзади илми филология, дотсент.



Муосирони мо

Ҷавонмарди зирак

Унсурулмаолии Кайковус фармудааст: «Бо мардуми беҳунар дӯстӣ мадор, ки мардуми беҳунар на дӯстиро шояд на душманиро».

Оре, Амондулло Элназаров фарзандаш Ҳақназарро дар чунин рӯҳ тарбия кард, ки худи Амондуллоака боҳунар аст: бинокорӣ, боғбонӣ, таъмири ин ё он техника барин касбҳоро хуб медонад. Ва боз ягон лаҳзаи умрашро беҳуда сарф накарда, ба ягон кори дӯстдоштааш андармон мешавад. Ӯ бештар ба он мекӯшад, ки ҳар кори ба зимма гирифтаашро ба дарачаи аъло ба сомон расонад. Ӯ баъзе ҳунарҳоро аз бародари гуногункасбаш Имомназарака омӯхта бошад, аксарияташро бо роҳи худомӯзӣ ба даст овардааст. Маҳз барои ҳамин ҳам солҳои охир вай ба номи бошарафи «Усто Амондулло» мушарраф гардид. Писараш Ҳақназар ҳам ҳангоми мактабхониаш дастёри падар буду ҳаракати падарашро бо шавқ муоина мекард. Ниҳоят ин ҷавони хушзеҳн ва болаёқат соли 1994 мактаби миёнаи рақами 43-и ноҳияи Нураторо хатм намуда, ба орзуяш расид.

Ба шаҳри бостонии Самарқанд рафта, ба омӯзишгоҳи тиббӣ дохил шуд. Ӯ дар ин даргоҳи тиббӣ низ бо тезӣ аз устодонаш сирру асрори табобати дандон ва дигар касбҳои қолабмонию шинондани дандони сунъиро ба хубӣ омӯхт. Пас аз хатми омӯзишгоҳ ба шаҳри Ҷиззах омада, се сол дар дасти яке аз устодони ин касби пурмасъул Қӯчқор Нуруллоев дониши назариашро дар амал татбиқ намуд. Ниҳоят бовари ҳосил кард, ки ӯ акнун метавонад мустақилона кор кунад. Бинобар ин ба зодгоҳаш омада, бо тавсияи раҳбари тиббиёти ноҳия аз ҳавлии падарӣ барояш яке аз хонаҳоро ба «хонаи корӣ» табдил дод.

Сараввал аз шаҳру ноҳияҳои ҳамсоя бо маблағи худ асбобҳои тиббии барояш заруриро ҷамъ оварда ва бо тезӣ ба хидмати корафтодагон пардохт. Дар оғози кор, то ки ба кори худ пурра боварӣ ҳосил кунад, пайваста меомӯхт ва гоҳ-гоҳ ба назди устодонаш ба шаҳри Ҷиззах ва гоҳ ба марказҳои ноҳияи Нурато рафта, аз натиҷаҳои фаъолияти худ нақл мекарду аз маслиҳатҳои тозаи онҳо баҳра бардошта, ба коргоҳаш бармегашт. Зеро ӯ хеле хуб дарк мекард, ки бе маслиҳату машварати устод касе ба ҷое нарасидааст.

Дар ҳамин ҷо бояд қайд намоям: то имрӯз дар ширкати «Нурато» духтури дандон набуд. Зимни сӯҳбат Ҳақназар мегӯяд:

— То қадри тавонам ба корафтодагон бе нуқс хизмат кардан аст. Шифокор набояд хато кунад, мегӯянд-ку?! Агар корафтода аз ҳузури ман хушҳол равад, ботинан хурсанд мешавам. Маҳз дар чунин ҳолатҳо худро хушҳолу болидаҳол ҳис мекунам. Ва ӯ боз суханашро идома медиҳад: вақтҳои охир на танҳо аз деҳаи худамон, балки аз деҳаҳои ҳамсоя низ мичозонам зиёд мегарданд. Зеро то ин вақт шахсони ба дарди дандон дучоршуда барои табобати ҳатто як дандон сад километр роҳро тай намуда, ба табобатхонаҳои маркази ноҳия мерафтанд. Аз ин рӯ онҳо аз сарфу ҳароҷоти зиёдатӣ раҳо ёфтанд...

Чанде пеш камина дар сӯҳбати ҳамдеҳагонам будаму суҳан дар хусуси табобати дандон мерафт. Гӯё онҳо пешакӣ маслиҳат карда бошанд, бо як овоз мегуфтанд:

— Ҳақназари писари Амондулло ҳақиқатан ҳам касби худро хуб омӯхтааст. Ва аз байни онҳо солхӯрдае суханони онҳоро қувват дода, афзуд: — Худоро шукр. Аввалин духтуруи дандон дар деҳа. Бача зирак будааст. Агар ҳамин тавр намебуд, аз паи омӯхтани яке аз касбҳои маъмули ҳамдеҳагон мерафт. Ҳозирон гапи ӯро бо ишораи сар тасдиқ карда, аз як даҳон мегуфтанд: онҳое ба қадри духтури дандон мерасанд, ки агар ба дарди дандон як бор аст печида бошад.

Ғ. БЕКНАЗАРОВ.
Дар сурат: **Ҳ. ЭЛНАЗАРОВ.**

Ба ҷои автомобил велосипед

Азбаски ҳавои шаҳр ниҳоят заҳрогуну муҳити атроф ифлос аст, маъмурияти шаҳри Бангкок-пойтахти Таиланд аз сокинони муқими худ илтимос менамояд, ки автомобилҳои худро ба велосипед иваз кунанд. Ва он аввало ба саломатиашон муфид асту дар айни замон то андозае ба сабук гардондани ҳавои шаҳр кӯмаки калоне мерасонад.

Ба ҳамин мақсад дар ҳамаи кӯчаҳои шаҳр роҳрави алоҳида ба велосипедҳо сохта мешаванд. Аллакай аввалин истгоҳсаройи велосипедҳо пайдо шуданд.

Дар шаҳр миқдори автомобилҳое чунон зиёд аст, ки баъзе рӯзҳо имкон намедиҳад, ки суръат аз 4-5 километр дар давоми як соат баланд гардад. Аз ин рӯ баъзе шаҳрвандон мошинҳои худро дар кӯча партофта, ба коргоҳ мешитобанд, то ки аз қути лоямути хеш маҳрум нагарданд. Онҳо одатан пою пиёда ба кор мераванд.

Замбурӯғи баҳайбат

Василий Синетур дар яке аз деҳаҳои Молдова ҳаёт ба сар мебарад ва тамоми умр бо кишоварзӣ машғул гардидааст. Дар хоҷагии ёрирасони худ маҳсулоте меофарад, ки аз ҷиҳати бузургӣ мудом пешқадамиро аз даст

Турфа олам

намедиҳад. Яъне нисбат ба меваву сабзавоти дигарон бештар вазн пайдо мекунад.

Яке аз рӯзҳо ӯ ҳангоми обмонӣ ба сабзавотзораш ба замбурӯғи баҳайбате рӯ ба рӯ гардид. Асбоби ченкуниро гирифта, ба он боварӣ ҳосил намуд, ки бараш ба 74 сантиметр баробар будааст.

Аз байн ду рӯз нагузашта вазни он ба се килограмм расида, соҳибашро дар ҳайрат гузошт.

Мусобиқаи «ғайриоддӣ»

«Одами баднафс дар рӯзи ид мемурад» мегӯянд. Рафтори Аугустниас Гревиси 34-соларо, ки дар деҳаи Кретинги ноҳияи Глауси Литва ҳаёт ба сар мебурд, ҳамин тавр тавзеҳ диҳем, муболиға намегардад.

Гап дар сари он аст, ки тадбиргари маҳаллӣ зиёфате оросту ҳамагонро бо рӯзи истиқлолияти мамлакаташ муборакбод намуд ва ба иштирокдорон як шарти худро пеш гузошт. Гуфт, ки агар касе як литр арақи дастии тадбиргари маҳаллиро аз ҳама тезтар нӯшад, 50 доллар мукофот медиҳад.

Аугустниас, ки дар бобати арақнӯшӣ ҳамтое надошт ва боз як шахси дигар ба он шарт розигӣ доданд. Аугустниас дар бадали даҳ дақиқа як литр арақи дастиро нӯшид ва дастонашро ғолибона ҷунбонда, ба замин ғалтид. Дигар аз ҷояш нахест. Духтурон ӯро ташхис карда, гуфтанд, ки «бар асари арақнӯшӣ ва заҳролуд гардидан аз он» фавтидааст.

Иштирокдори дигари мусобиқа дар беморхона баъди даву ғеҷи зиёди коркунони тиб ба ҳуд омад ва шукри худо гуфт, ки ҷонро бе ҷаббор насупурдааст.

Полис ташаббускори мусобиқаро чустуҷӯ мекунад. Аз он на пай ҳасту на ҳайдар. Фақат ба маросими ҷанозаи Аугустниас 150 доллар ирсол карда, ба ҷое ғайб задааст.

Бачаи «обутобёфта»

Андрей Голаидои дусола ҳамроҳи холааш дар шаҳраки Будёнии Брянск зиндагӣ мекард ва ба пастиву баландии зиндагӣ аллакай одат карда, организдмаш ҳам ба хунукиву гармӣ обутоб ёфта буд.

Яке аз рӯзҳо холааш ширакайф шуда якҷоя бармегаштанд, ки ба замин ғалтиду нахест. Андрей чӣ кор карданашро надониста ба гиря кардан даромад ва ба мақсади «халос шудан» аз холааш ба сӯи беша рафт. Бисёр роҳ гашта, охир ба қабристоне рӯ ба рӯ омад. Ба яке аз гӯрҳои кушод даромаду хобаш бурд.

Рӯзи дигар холаи ба ҳушомада аз ғайб задани ҷиянаш ба ташвиш афтод. Охир, хоҳараш фарзанди худро ба назди ӯ барои меҳмонӣ фиристода буд. Аз ин рӯ ба милисаи маҳаллӣ мурочиат кард.

Милиса дар як дам Андрейро пайдо намуд. Соғу саломат буд. Танҳо зарби неши магасҳо ба организми ӯ осорашро гузоштааст.

«Агар бача обутоб намеёфт, ба маризии сахт гирифтор шуданаш муқаррар буд», гуфтанд духтурони маҳаллӣ.

Садаи ҳуҷайраҳо

Вақте ки башоратгарон дар садаи XIX садаи XX садаи атом мегардад гуфта буданд, касе бовар накарда буд. Дарҳақиқат, садаи сипаришуда садаи атом гардид ва он инсониятро ба даҳшат ҳам овард. Дар садаи гузашта баъзеҳо паямбарона башорат карданд, ки садаи XXI садаи ҳуҷайраҳо мегардадду инсон умри ниҳоят дарозро аз сар мегузаронад. Ва ин башорат низ ҷомаи амал мепӯшад. Аз он ҷумла, ба қарибӣ дар расонаҳои ахбори оммавӣ эълон гардид, ки навбати аввали «Лоиҳаи ҳуҷайраи инсон» ҷомаи амал пӯшид ва он қудрати пешгирӣ кардани маризии даҳшатноки дилхоҳро ҳам доштааст. Аммо он чиз сир нигоҳ дошта мешавад, ки вай дар кадом мамлакат таҳия гардидааст.

Маълум аст, ки инсон то охири садаи XIX ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 30 сол умр дидааст. Дар мобайни садаи гузашта он ба 45 сол ва охири сада ба 75 сол рост омад. Алҳол инсоният фатҳ намудани умри миёнаи садсоларо ба нишон гирифтааст.

Ва амалӣ гардондани ин нақша аз бисёр чиҳат ба рӯи об баровардани лоиҳаи ҳуҷайраҳо узван вобастагӣ дорад.

Стули оддӣ ба муқобили дуздон

Сумкаҳои занон ба ҷумлаи шаш намуди амволе дохил аст, ки бештар луқмаи дуздон мегардад. Охир, дуздон хуб медонанд, ки занон бештар пул, карточкаи кредитӣ, зару зевар, тилфони мобилӣ ва дигар чизҳои қиматноки худро дар сумкаҳояшон нигоҳ медоранд.

Боз дуздидани сумкаҳо ба осонӣ сурат мегирад. Масалан, занон ҳангоми даъват шудан ба меҳмонӣ дар тарабхона ба сӯҳбат дода шуда, бисёр вақт сумкаи худро фаромӯш мекунанд. Ва дуздон аз ин лаҳза ниҳоят моҳирона истифода мебаранд.

Дизайнерони инглис шакли нави стулҳоро офариданд, ки асосан алҳол душмани дуздон гардидааст. Шумо ба ин стул нишаста, аз сумкаи худ хавотире ҳам намекашед. Зеро сумка ба ҷое овезон карда мешавад, ки пои шумо мунтазам ба он расида меистад.

Стулу столҳои нав дар бисёр тарабхонаҳои Фаронса аз озмоиш гузашт ва натичаи матлуб бахшид. Масалан, дар бадали се моҳи охирин ягон ҳодисаи рабудани сумкаҳо ба чашм нарасид.

Ақраби обии муқтадир

Дар Ҷопон ақраби муқтадири обӣ дошта шуд, ки аз ҳама калонтарин дар ҷаҳон маҳсуб мегардад. Ақрабро дар аквариуми миллии Бирмингем ҷой доданд. Аз тамошои он касе сер намешавад. Алҳол чуссаи ақраб ба автомобили хурдҳаҷм баробар гардидааст ва олимон мегӯянд, ки дар соли наздик он ба автомобили аз ҳама бузург ҳам аз ҷиҳати чусса баҳс карда метавонад.

Дар назди аквариум навиштаҷоти зайл ҳам овехта шудааст: «Шумо агар ақраби аз ҳама бузурги зериобии ҷаҳониро муоина кардӣ бошед, ба тамошояш шурӯъ кунед. Вале ба даруни он даст нарасонед. Чунки ҳодисаи ногувор рух доданаш мумкин аст. Зеҳри он барои куштани шахси дилхоҳ қодир аст. Агар мабодо аз зеҳри ақраб баҳра бардоред, дар он сурат ба шумо 10000 доллар ҷубронпулӣ дода мешавад. Ба шарте ки агар зинда монед».

Салоҳияти илмиву ҳунари муҳассилин чӣ гуна аст?

Дар Кумитаи давлатӣ оид ба илму техника конфронси аввали илмӣ таҳти унвони «Вазифаҳои марҳилаи дуюми «Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо»: ҳамгароии таълим ва илм дар бобати ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиӣ» ба амал омада, дар он масъалаҳои умдаи соҳаи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Мақсад аз тадбири мазкур пурзӯр кардани шавқу завқи муҳассилин ба илмҳои табиӣ, сафарбар кардани онҳо ба ҷустуҷӯҳои илмӣ, муайян кардан, ҷонибдорӣ ва рағбатноксозии хонандагони қобилиятноки соҳибистеъдод мебошад. Дар айни замон мустаҳкам кардани равобити академикҳо, профессорон ва олимони номдор бо муҳассилини қобилиятнок вазифаи асосии конфронс пешбинӣ гардида буд.

Дар кори конфронс беш аз 150 нафар муҳассили боистеъдоди литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунари ҷумҳурият иштирок намуданд. Дониш ва маҳорати онҳо аз тарафи беш аз 40 нафар олим баҳо дода шуд, ки дар пажуҳишгоҳҳои илмиву тадқиқотии Фарҳангистони улум ва донишкадаҳои олии ҷумҳурият бо фаъолият шуғл меварзанд. Махсусан шӯъбаҳои «Физик ва информатикҳои ҷавон», «Кимёгарони ҷавон» ва «Биологҳои ҷавон» хуб кор карданду соҳиби мукофотҳои бештар гардиданд.

Дар сурат: маҳсули дасти муҳассилини коллеҷи касбу ҳунари ҳунармандии миллии **Акмал ИКРОМОВ**, ки ба он иштирокдорони конфронс баҳои баланд доданд.

Аксбардор: Муҳаммад АМИН (ҲзА).

Зодрӯз муборак!

Духтари азизам, Гулрухсор!

Ҳабдаҳ сол қабл аз ин, вақте паёми тавлиди ту ба гӯши падарат, ки дар ғӯшаи дурдасте қарор дошт, бирасид, хаёлаш, шаҳри ҳанӯз сармозадаву пурбарфи Шимол ба боғи баҳороғӯшу пур аз гулу раёҳини Сӯхзамин бадал ёфт. Бибиҷони ту бо сад умед, бо таманнои он ки гулрухсор бошӣ бароят номи зебое ниҳод: *ГУЛРУХСОР.* Ту, нури дидаамро, ки бароям азизтар аз ҷони, бо баҳори зодрӯзат бо сад дилу ҷон муборакбод менамоям. Аҷобате, ки зодрӯзи муборакат ба 8 март — нахустиди баҳори фаррухпай , Рӯзи занону духтарон рост омада.

Чӣ хуш, иде ба болои дигар ид
Ҳам иди бонувон, ҳам зодрӯзат.
Гули Рухсори ман, Рухсораи ман,
Дили ман, ҷони ман,ҷонпораи ман,
Муборак ин ду иди дилфурӯзат!

Аз он ки рӯзи ид ба дунё омадӣ, аҳли хонадон бо навозиш туро Майрамхон гӯянд. Ва аз он ки бо таваллуд шуданат, духтараки бахосияту шарофатмандам, ба хонадони мо файз омад, туро Хосиятхон ва Шарофатхон низ номанд. Дил маро хоҳад:

Туро, ҷони падар, хушбахт бинам,
Гул аз гулзори иқболи ту чинам.
Саодатманд ёбанд аҳли олам
Туро, эй духтари меҳрофаринам.

Бо дуои нек: падарат Муҳаммадҷон аз шаҳри Тошканд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олӣ Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнависӣ гардидааст. Тартиби номнависӣуда № 16. Г - 259.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **Т. ОЛИМБОЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.